*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 27 (12355)
7 июли
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ДОВТАЛАБ - 2022

## Оғози даври асосии ИМД дар соли 2022

***1-уми июли соли 2022 даври асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ – қисмҳои А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ) ва Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) барои довталабони дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ (аз 1-уми март то 30-юми апрел) номнависшуда оғоз гардид.***

Котиби матбуоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Замира Абдусаломзода иброз дошт, барои баргузории даври асосии имтиҳонҳо – қисмҳои А ва Б дар заминаи 46 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии 18 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ (Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур, Рашт, Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Панҷакент, Бобоҷон Ғафуров, Бохтар, Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Кӯшониён, Ҷалолиддини Балхӣ, Шаҳритус ва Хоруғ) марказҳои имтиҳонӣ ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо 1269 синфхона барои баргузории имтиҳонҳо омода карда шудаанд.

Тибқи ҷадвали тасдиқгардида рӯзи 1-уми июл дар 43 маркази имтиҳонӣ довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ)-ро интихобкарда қисми А-ро месупоранд.

Қисми А аз чор субтест иборат буда, барои гурӯҳи ихтисосҳои зикршуда фанҳои забони тоҷикӣ, математика, химия ва физикаро дар бар мегирад. Дар ин қисми имтиҳон довталаб субтести забони тоҷикиро ҳатман ба забони тоҷикӣ ва субтестҳои дигарро, вобаста аз забони имтиҳонсупорӣ, ки ҳангоми бақайдгирӣ интихоб кардааст, ба забони тоҷикӣ ё русӣ месупорад. Аз 11543 довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ)-ро интихобкарда қисми А-ро 11028 нафарашон ба забони тоҷикӣ ва 515 нафарашон ба забони русӣ имрӯз хоҳанд супорид. Барои иҷрои саволу масъалаҳои қисми А 220 дақиқа муқаррар шудааст.



Мавсуф дар идома зикр кард, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ (аз 1-уми март то 30-юми апрел) 94550 довталаб, ки аз онҳо 81829 нафарашон довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва 12721 нафари дигарашон довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) мебошанд, номнавис карда шудаанд. Даври асосии имтиҳонҳо, тибқи ҷадвали баргузории имтиҳонҳо (даври асосӣ), то 7-уми июл идома меёбад: аз рӯйи қисми А вобаста аз ҳар яке аз гурӯҳҳои ихтисосҳо то 6-уми июл ва аз рӯйи қисми Б рӯзи 7-уми июл аст.

– Ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест дар давраи баргузории имтиҳонҳо ҳамарӯза пас аз анҷоми имтиҳонҳо дар сомонаи Марказ ба нашр мерасанд. Ин ба довталаб имкон медиҳад, ки ӯ дар асоси нусхаи варақаи ҷавобҳояш, ки дар кабинети инфиродияш гузошта шудааст ва ҷавобҳои дуруст – калидҳои саволу масъалаҳои тести дар сомонаи марказ нашршуда холҳояшро аз ҳар субтести имтиҳон мустақилона ҳисоб кунад. Ҳамчунин, то нашри варақаи ҷавобҳо дар кабинети инфиродияш довталаб метавонад бо истифода аз китобчаи тест, ки дар дасташ аст, холҳои бадастовардаашро мустақилона ҳисоб кунад, - қайд кард З. Абдусаломзода. – Соли ҷорӣ низ, чун соли гузашта, раванди имтиҳонҳо аз ҳамаи марказҳои имтиҳонӣ тавассути камераҳои назоратӣ дар ҳолати бархат (онлайн) дар марказ пахш карда мешавад. Марказ барои ин ҳар як маркази имтиҳониро бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин кардааст.

Эълони натиҷаҳои имтиҳонҳо (хол ва балҳои бадастовардаи ҳар яке аз довталабон ва ба озмуни тақсимот роҳ ёфтан ё наёфтани онҳо) 20-уми июли соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст.

***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**•ДАР ИН ШУМОРА:•**

Масъулияти баланд дар иҷрои масоили ҳалталаби соҳа саҳ. 4

Вазъи соҳаи маориф дар ВМКБ беҳбудӣ меҳоҳад саҳ. 7

Минтақаи Бохтар: мушкилотро бартараф бояд кард саҳ. 8-9

Ҳомӣ ва тарғибгари забони тоҷикӣ саҳ. 10




Оё омӯзгорони ҷавон аз имтиёзот бархӯрдоранд? саҳ. 12

Педагогҳои номвари Шуравӣ саҳ. 15

ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## Шаш ҷойи ифтихорӣ

***Аз 28-уми июн то 3-юми июли соли 2022 дар шаҳри Сараевои Ҷумҳурии Босния ва Герсеговина 26-умин олимпиадаи Балтикии наврасон аз фанни математика «JBMO-2022» баргузор гардид.***

Дар олимпиадаи мазкур зиёда аз 20 давлати дунё (Фаронса, Туркия, Хорватия, Сербия, Албания, Румыния, Македония, Югославия, Босния ва Герсеговина, Черногория, Молдавия, Юнон, Арабистони Саудӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Булғористон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Филиппин, Кипр ва ғ.) як дастаи иборат аз 6 нафар хонандаи синфҳои 7-8 (то 15-сола) иштирок намуданд.

Дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин олимпиадаи бонуфузи байналмилалӣ 6 нафар хонанда намояндагӣ карданд. Хушбахтона, хонандагони тоҷик тавонистанд дар ин мусобиқаи илмии байналмилалӣ шарафи ҷумҳуриро баланд бардошта, сазовори 6 ҷойи ифтихорӣ гарданд.



Машраф Иномов – хонандаи синфи 8-и филиали литсей-интернати тоҷикӣ-русии Ҳотам ва ПВ дар шаҳри Ҳисор сазовори ҷойи 2, Усмониён Умар Фирдавс – хонандаи синфи 9-и литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе сазовори ҷойи 3, Олим Тухтаров, Эраҷ Собиров, Муҳаммадрасул Шоназаров, Салтанат Саидова – хонандагони филиали литсей-интернати тоҷикӣ-русии Ҳотам ва ПВ дар шаҳри Ҳисор сазовори ҷойи сеюм шуданд.

@▶▶ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Мулоқоти Раҳим Саидзода бо Сюзан Лиото ва Ҷо Борн

***Нимаи дуюми рӯзи 28-уми июн дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо хонум Сюзан Лиото-муовини раиси Шӯрои директорони Шарикии глобалӣ оид ба маориф (GPE) ва хонум Ҷо Борн-роҳбари бахши техникии Шарикии глобалӣ оид ба маориф (GPE) мулоқот намуд.***

Зимни мулоқот ҷонибҳо перомуни иҷрои корҳои муштарак дар самти омода намудани дархости лоиҳавӣ аз ҷониби Тоҷикистон ибрози андеша рушди соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятнок муайян мекунанд, мувофиқат мекунанд, -иброз намуд вазири маориф ва илм дар идомаи суҳбат.

Дар рафти суҳбат, инчунин, доир ба фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ, ҷалби таваҷҷуҳи падару модарон ба таълиму тарбияи фарзанд, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар давраи пандемияи КОВИД-19, таваҷҷуҳ ба таҳсили духтарон ва чанде дигар ҷонибҳо ибрози андеша намуданд.

Вазири маориф ва илм вобаста ба масъалаҳои баррасишуда



карданд.

Дар суханронии худ Р.Саидзода бо роҳбарияти Шарикии глобалии маориф (GPE) барои дохил кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз панҷ кишвари ташаббуси озмоишии Шарикии глобалӣ то соли 2025 изҳори миннатдорӣ намуда, ҳамзамон, зикр кард, ки то имрӯз гурӯҳҳои кории вазорат қисми зиёди корҳо, аз ҷумла, худи ҳуҷҷати КОМПАКТ, инчунин, расмиёти интихоби агентҳои грантиро барои ҳарсе гранти асосӣ, яъне грант барои рушди низоми маориф (агенти грантӣ ЮНИСЕФ), грант барои дигаргунсозии низоми маориф (агенти грантӣ Бонки Исломии Рушд) ва гранти мултипликативӣ пурра ба анҷом расонидааст.

Сюзан Лиото-муовини раиси Шӯрои директорони Шарикии глобалӣ оид ба маориф (GPE) бо изҳори қаноатмандӣ иброз дошт, ки Тоҷикистон, бахусус, Вазорати маориф ва илм, тавонист модели нави дархостии GPE-ро омӯхта, бо назардошти талаботҳои он ва мӯҳлатаҳои муқарраршуда, бастаи ҳуҷҷатҳоро омода кунад ва барои баррасӣ ба Шӯрои директорон супорад.

Ҳамчунин, хонум Сюзан Лиоуто аз фаъолияти вазорат дар самти истифодаи муколамаи фарогир, яъне, ҷалби ҳамаи шарикони сатҳи миллӣ, маҳаллӣ ва коршиносон, ки дар татбиқи афзалиятҳо дар ислоҳоти низоми маориф кумак хоҳанд кард, истиқбол намуд.

-Ин афзалиятҳо, бешак, ба Стратегияи рушди соҳаи маориф то соли 2030 ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, ки зарурати иброз намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонандагон пурра ба таҳсил фаро гирифта шуда, ҷиҳати ҷалби таваҷҷуҳи волидайн ба таҳсили фарзандон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад. Ҳамзамон, баробарии гендерӣ риоя гардида, духтарону писарон ҳуқуқҳои баробар ба таҳсил дошта, дар баробари ин бо мақсади ҷалби бештари духтарон ба таҳсил Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар замони пандемияи КОВИД-19 низ хонандагони тоҷик нисбат ба хонандагони дигар кишварҳо ба муҳлати кам ба таътил фиристода шуда, дарсҳо тавассути телевизионҳо ва дарсҳои видеоӣ ба роҳ монда шуданд ва муҳимтар аз ҳама, қоидаҳои беҳдоштӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза ба бемории КОВИД-19 пешниҳод гардиданд, пурра риоя гардиданд.

Намояндагони Шӯрои директорони Шарикии глобалӣ оид ба маориф (GPE) бори дигар иброз доштанд, ки ба даст овардани чунин муваффақиятҳо маҳз аз таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф дарак медиҳад.

Дар фарҷоми мулоқот Раҳим Саидзода ба Котиботи GPE барои маслиҳатҳои техникӣ ва дастурҳои муфассали онҳо зимни таҳияи асноди лоиҳавӣ изҳори ташаккур намуд. Мулоқот дар фазои ҳусни тафоҳум ва якдигарфаҳмӣ сурат гирифт.

# Мизи мудаввари вазирон

***Нимаи дуюми рӯзи 29-уми июн дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса ҷаласаи Саммити муқаддимотии вазирони маорифи кишварҳои дунё баргузор гардид, ки дар он наздики 2 ҳазор нафар, аз ҷумла, 154 вазири маориф ва муовинони вазирони маорифи кишварҳои дунё иштирок ва суханронӣ намуданд.***

Дар ҳамоиши мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири маориф ва илм Раҳим зор намуд, ки дар утоқи якуми қароргоҳи ЮНЕСКО дар қатори 21 вазири маориф суханронии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Саидзода сурат гирифт.

Вазир зимни суханронии худ нахуст аз ташкилкунандагони ҳамоиши мазкур изҳори сипос ва миннатдорӣ намуда, ҳамзамон, доир ба дастгириҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маориф ва илм, таҳия ва табиқи барномаҳои давлатӣ, Саидзода намояндагӣ намуданд, ки дар он масъалаҳо перомуни муҳиммияти трансформатсияи соҳаи маориф дар дунё, рафъи оқибатҳои буҳрони КОВИД-19 ва омодагӣ ба Саммити сатҳи баланд, ки дар назар аст дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА баргузор гардад, мавриди баррасии иштирокдорон қарор дода шуд.



Дар рафти Саммит ҳар як вазир ва муовинони вазирон доир ба корҳои анҷомдодашуда дар самти трансформатсияи соҳаи маориф дар кишварҳои худ маълумот доданд.

Бинобар сабаби зиёд будани теъдоди иштирокдорон Саммит ҷаласаҳои худро ба таври мувозӣ дар утоқҳои ҷудогона баргу- ҳамасола зиёд гардидани маблағгузории соҳаи маориф, дастрасии кӯдакон ба таҳсил, фарогирии хонандагон, хусусан, духтарон ба муассисаҳои таълимӣ, истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим ва чанде дигар маълумоти муфассал дод.

# Вохӯрии вазир бо Роберт Ҷенкинсон

***Дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии***



***Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо директори глобалии ЮНИСЕФ оид ба маориф ва рушди ҷавонон Роберт Ҷенкинсон баргузор гардид.***

Зимни мулоқот нахуст ҷонибҳо вобаста ба ҳамкориҳои ҷойдошта миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон ибрози андеша намуданд. Роберт Ҷенкинсон- директори глобалии ЮНИСЕФ оид ба маориф ва рушди ҷавонон аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф изҳори хушнудӣ намуда, зикр кард, ки муваффақияти беҳтарини Тоҷикистон ин ба таҳсил фаро гирифтани тамоми наврасони синни мактабӣ, хусусан, духтарон мебошад.

Дар вохӯрӣ, инчунин, масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои минбаъда миёни Вазорати маориф ва илм ва Дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, трансформатсияи соҳаи маориф, таваҷҷуҳ ба баробарии гендерӣ, рақамикунонии соҳаи маориф ва чанде дигар мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Роберт Ҷенкинсон пешниҳод намуд, ки дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маориф ва баробарии гендерӣ дар шакли ҳуҷҷат таҳия ва ҳамчун дастури намунавӣ барои корбарӣ ба дигар кишварҳо фиристода шавад.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рақамикунонии соҳаи маориф иброз намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаштан ба рақамикунонии соҳаи маориф тамоми чораҳоро меандешад ва шароити мусоидро барои гузаштан ба низоми мазкур тарҳрезӣ кардааст.

-Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад ва маҳз ин ғамхориҳост, ки соҳаи маориф дар сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар соҳаи афзалиятнок эълон гардидааст, -зикр кард вазир.

Дар охир ҷонибҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд, ки ҷиҳати рушди ҳамкориҳои минбаъда тамоми чораҳои дахлдор андешида мешавад.

**Дар шаҳри Панҷакент давоми як моҳ «Корвони саломатӣ» ба 2 ҳазор бемор хизмат расонд.**

ҲАМКОРӢ

# Мулоқоти Раҳим Саидзода бо Тамара Растовак Сиавишвили

***Дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо роҳбари Шӯрои иҷроияи ЮНЕСКО Тамара Растовак Сиавишвили баргузор гардид, ки дар он вобаста ба масъалаҳои шиносоии иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Саммити муқаддимотии вазирони маорифи кишварҳои дунё ва рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.***



Зимни сӯҳбат вазири маориф ва илм аз дастгириҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи маориф ва дастовардҳои соҳаи маориф дар солҳои соҳибистиқлолӣ маълумоти муфассал дод.

Дар навбати худ, Тамара Растовак Сиавишвили аз иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Саммити муқаддимотии вазирони маорифи кишварҳои дунё изҳори хушнудӣ намуда, иброз дошт, ки иштирок дар Саммит имкони мусоид барои шиносоӣ аз ҷараёни трансформатсияи соҳаи маориф дар дунё ва ироаи таҷрибаи Тоҷикистон дар ин самт мебошад.

Дар идомаи сӯҳбат мавсуф бо хушнудӣ ва ёдоварӣ аз рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фаронса ва саҳми арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаҳои маорифу фарҳанг ва ҳамкориҳои Тоҷикистону ЮНЕСКО зикр кард, ки чунин муносибат ва таваҷҷуҳ зоҳир кардан намунаи беҳтарини Роҳбари олии як давлат ба масъалаҳои зикршуда мебошад.

Дар вохӯрӣ, инчунин, масъалаҳои рақамикунонии соҳаи маориф ва трансформатсияи соҳаи маориф мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсиси Маркази инноватсионии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо иштироки Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, хонум Амина Муҳаммад ёдовар шуда, зикр кард, ки Вазорати маориф ва илм омода аст, ҷиҳати рушди ҳамкориҳо тамоми тадбирҳои судманд роҳандозӣ намояд.

Дар навбати худ, роҳбари Шӯрои иҷроияи ЮНЕСКО Тамара Растовак Сиавишвили аз вохӯрии худ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хушнудӣ ёдовар шуда, зикр кард, ки тамоми ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, омода аст, ки дар дилхоҳ самт ҷиҳати рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

# Владимир Чернигов дар ҳузури муовини якум

***28-уми июни соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода бо Президенти Созмони мухтори ғайритиҷоратии “Пажуҳишгоҳи ғизои соҳавӣ”-и Федератсияи Россия Владимир Чернигов баргузор гардид, ки дар он инчунин, муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода, сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм Бадриддин Музаффарзода ва намояндагони Созмони мухтори ғайритиҷоратии “Пажуҳишгоҳи ғизои соҳавӣ”-и Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Суҳроб Бобоҷонов ва Идрис Газдиев ҳузур доштанд.***



Нахуст, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода аз ҳамкорӣ бо Созмони мухтори ғайритиҷоратии “Пажуҳишгоҳи ғизои соҳавӣ”-и Федератсияи Россия изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз дошт, ки имрӯзҳо ба шарофати БОҶ дар 1941 мактаби деҳоти кишвар ба 410 ҳазор нафар хонанда (тақрибан 60 фоизи ҳамаи мактабҳо) ҳар рӯз бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд.

Зимни сӯҳбат Владимир Чернигов дар бораи “Пажуҳишгоҳи ғизои соҳавӣ” ва мақсади хеш суханронӣ намуда, зикр кард, ки лоиҳаи мазкур имконият фароҳам меорад, ки кӯдакон бо ғизои солим таъмин карда шаванд. Барномаи мазкур мактабҳоро бо орди гандум, равғани растанӣ, лубиёгӣ ва намак таъмин намуда, аз ин маҳсулотҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавонанд хурокҳои гуногун омода намоянд.

Гуфтан ба маврид аст, ки соли 1999 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид барномаи ғизои мактабӣ дар кишварро роҳандозӣ кард. Аз соли 2013 инҷониб он бо дастгирии молиявии Федератсияи Россия ва кумаки техникии Институти ғизои соҳавии Федератсияи Россия (SIFI) амалӣ карда мешавад. Моҳияти лоиҳаи мазкур кумак расонидан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва ифтитоҳи Барномаи миллии таъмини хӯроки мактабӣ мебошад.

Дар охир, ҷонибҳо аз ҳамкориҳои ҷойдошта изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон таъкид доштанд, ки ҷиҳати рушду тавсеаи он тамоми тадбирҳои судманд андешида мешавад.

# Ҳадаф: таъмини шаффофият ва пешгирӣ аз ҳолатҳои коррупсионӣ

***Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он Ҷамшед Ҷӯразода-муовини якуми вазири маориф ва илм, Савзалӣ Ҷаъфарзода – директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мироҷиддин Наботзода – намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигора Муқимӣ – намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маъруф Абдулхайров – намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касб, олии касбӣ ва баъдидипломӣ, намояндагони минтақавии Маркази миллии тестӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, кормандони Маркази миллии тестӣ дар шаҳри Душанбе иштирок намуданд.***

Сараввал муовини якуми вазир Ҷамшед Ҷӯразода суханронӣ намуда, қайд кард, ки мақсади асосии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилу баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, таъмини арзёбии объективӣ, шаффоф ва одилонаи дониши довталабон, баробарҳуқуқии онҳо барои дарёфти таҳсилоти миёнаю олии касбӣ, гузаронидани пажуҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тестгузаронӣ буда, аз солҳои аввали таъсисёбӣ ин рисолати худро пурра ба анҷом расонида истодааст.

Сипас, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаъфарзода Савзалӣ ҳозиринро бо “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шинос намуда, ёдовар шуд, ки соли ҷорӣ тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи 46 муассисаи таълимии 18 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ марказҳои имтиҳонӣ ташкил карда шудааст. Тибқи



бандҳои 53 ва 57 Тартиби мазкур омода намудани марказҳои имтиҳонӣ ва муҳайё кардани шароити зарурӣ дар онҳо ба зиммаи роҳбарияти муассисаҳои таълимии дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор гардида, ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар ҳудуди марказҳои имтиҳонӣ ҳифзи тартиботи ҷамъиятию бехатарӣ аз сӯхтор дар давраи имтиҳонҳо таъмин карда мешавад. Барои назорати пурраи озмунҳо воситаҳои видеоӣ ва сабт дар марказҳо пурра таъмин карда шуда, тавассути он падару модарон ё шахсони дигари довталабонро то маркази имтиҳонӣ ҳамроҳикунанда метавонанд рафти имтиҳонотро назорат намоянд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки рӯзҳои 1-7 июли соли 2022 даври асосии имтиҳонҳо ва даври иловагии он санаи 12 июл баргузор гардида, санаи 25 июл натиҷаи озмун эълон карда мешавад.

Сипас, намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, таъкид доштанд, ки дар рафти қабули ҳуҷҷатҳо ва имтиҳонот аз ҷониби кормандони марказҳо дар вақти муошират бо шаҳрвандон одоби баланди хизматӣ риоя гардида, ҷиҳати роҳ надодан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ тадбирҳои судманд андешида шавад.

Ёдовар мешавем, ки чунин ҷаласа ҳар сол маъмулан дар арафаи маъракаи муҳимми соҳаи маориф – оғози имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегардад.

Хонандаи литсейи шаҳри Хуҷанд Фирдавс Муҳаммадҷонов ғолиби олимпиадаи байналмилалӣ, соҳиби шоҳҷоиза ва 16 ҳазор доллари амрикоӣ гардид.

МУШОВАРА

***5-уми июли соли ҷорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 ва вазифаҳо то охири сол» баргузор гардид.***

# Масъулияти баланд дар иҷрои масоили ҳалталаби соҳа



Дар он Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаи дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои маҳоми ҷумҳуриявидошта иштирок карданд.

Ҷаласа бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардида, дар он вазири маориф ва илм аз фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 натиҷагирӣ намуд.

Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода зикр кард, ки бо саъю талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз кишвари азизамон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба пешрафту муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Вазорати маориф ва илм фаъолияти худро дар давраи ҳисоботӣ дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022» бармеоянд, ба роҳ монда, як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонид.

Иттилоъ дода шуд, ки таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба таҳсилоти томактабӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки назорат ва расонидани ёрии методӣ ба субъектҳои раванди таълиму тарбияи томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Бо дарназардошти он ки ҳалли аксари мушкилиҳои соҳа ба иҷрои талаботи бандҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобастагӣ дорад, аз ҳисоби мутахассисони соҳа ду гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, таҳияи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи таҳсилоти томактабӣ оғоз гардид.

Дар шаш моҳи соли 2022 дар ҷумҳурӣ 10 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе (3 адад), Исфара, Панҷакент, Конибодом, Хуҷанд, Ашт, Бобоҷон Ғафуров ва Файзобод 1-ададӣ сохта ба истифода дода шуд. Мутаассифона, дар дигар шаҳру ноҳияҳо ягон кӯдакистон бунёд нагардид.

Яке аз мушкилоти мавҷуда дар ин самт, ба таври зарурӣ иҷро нагардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2019, №316 "Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" мебошад. Дар асоси Барнома ҳар сол бояд 100 муассисаи томактабӣ ва дар се сол 300 муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода мешуд. Дар дуюним соли амалишавии Барнома аз 68 шаҳру ноҳия дар 24 шаҳру ноҳия муассисаи томактабӣ сохта шудааст, ки иҷрои Барнома дар ним соли 2022 12 % ва дар маҷмуъ, ба ҳисоби миёна 15,6 %-ро ташкил медиҳад.

Дар ҷумҳурӣ 3940 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 128827 нафар омӯзгор (80170 зан) ба таълиму тарбияи машғуланд. Инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 2 195 619 нафар (1059743 духтар) хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар кишвар 61 мактаб-интернат фаъолият намуда, дар онҳо кӯдакони ятим, нимятим, бепарастор, кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок, имкониятҳошон маҳдуд, барои кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки муассисаи таълимӣ надоранд, муҳити носолими оилавӣ доранд, ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд.

Аз теъдоди умумии муассисаҳои таълимии мазкур 14 мактаб-интернат соҳиби мақоми ҷумҳуриявӣ, 18 мактаб-интернати мақоми маҳаллӣ, 29 интернати наздимактабӣ ва хонаи кӯдакон мебошад.

Дар ин давра 24 олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ, аз ҷумла, 13 намуди олимпиада аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ва 11 намуди олимпиада аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузаронида шуд.

Ҷамъбаст ва натиҷагирии даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии хонандагони синфҳои 5-11 муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар соли 2022 нишон дод, ки дар онҳо 6410 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Ҳамзамон, дар ин давра, 8419 нафар хонандаи тоҷик



имконияти дар 11 олимпиадаи байналмилалӣ мустақиман ва тариқи фосилавӣ аз фанҳои математика, физика, химия, табиатшиносӣ ва забони англисӣ дар давлатҳои Амрико, Венгрия, Италия, Словения, Босния-Герсеговина, Қазоқистон ва Ӯзбекистон иштирок намуданд. Дар ин олимпиадаҳо хонандагони тоҷик сазовори 1058 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 140 медали тилло, 368 медали нуқра ва 550 медали биринҷӣ гардиданд.

Бо дарназардошти корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, фарогирӣ ба маҳфилҳои марказҳои таҳсилоти иловагӣ нисбат ба семоҳаи аввали соли равон 4870 нафар зиёд гардида, дар умум, фарогирӣ ба 62162 нафар расид. Соли дуюм аст, ки аъзои маҳфилҳои марказ дар олимпиадаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ аз фанҳои биология ва химия фаъолона иштирок намуда, сазовори 18 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 2 ҷойи якум, 8 ҷойи дуюм ва 8 ҷойи сеюм гардиданд. Як нафар роҳхати олимпиадаи ҷаҳониро аз фанни биология ба даст овард.

Ташкили дарсҳои видеоӣ аз корҳои муҳими дар ин самт анҷомдода мебошад. Бо ҷалби омӯзгорони пуртаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ 1395 дарси



видеоӣ аз синфи 1 то 11 аз рӯйи 14 фанни таълимӣ омода гардида, ҳамарӯза аз тариқи шабакаҳои телевизионии кишвар намоиш дода мешавад.

Дар идома вазир фаъолияти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисод, баҳисобгирӣ дар соҳаи маориф ва илм, таъминоти кадрию ба ҷойи кор ҳозиршавии омӯзгорони ҷавон, таъминоти муассисаҳо бо китобҳои дарсию бадеӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, сохтмону муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо компютеру тахтаҳои электронӣ ва истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим, ҳамкорӣ бо ВАО ва дигар масъалаҳоро мариди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Дар музокира Қ. Хушвахтзода – ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, М. Набизода – сардори раёсати маорифи вилояти Суғд ва З. Азиззода – директори Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб изҳори ибрози доштанд, ки дар маърӯзаи вазири маориф ва илм тамоми паҳлӯҳои соҳаи маориф ва илм мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт, ки метавон онро ҳамчун раҳнамо дар бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта истифода кард.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода доир ба масъалаҳои бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, фарогирии кӯдакон ба муассисаҳо, баланд бардоштани сифати таълим, бартараф намудани норасоии кадрию китобҳои дарсӣ, иҷрои саривақтии барномаҳои давлатӣ, таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, татбиқи ҳатмии Консепсияи миллии тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра андешаронӣ намуд. Таъкид кард, ки аҳли маорифро мебояд ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору барномаҳои давлатии соҳа ҳамвора талош намоянд.

Дар ҷамъбаст вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Саидзода зикр кард, ки новобаста аз корҳои басомонрасонида, ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илм ба назар мерасад ва Вазорати маориф ва илм бовар дорад, ки ин камбудиҳо тадриҷан ҳал гардида, ислоҳоти соҳа дар ҳамаи самтҳо амалӣ хоҳад шуд. Ҳамчунин, аҳли маорифи кишвар кӯшиш



ба харҷ медиҳанд, ки дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои худро сари вақт ва бо сифати баланд ба иҷро расонанд.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

**Дар шаҳри Душанбе корҳои омодагӣ ба пешвози ҷашни 31-солагии Истиқлоли давлатӣ оғоз ёфт.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Қабули сайёри шаҳрвандон дар минтақаи Бохтар

*2-юми июли соли ҷорӣ дар коллеҷи тиббии инноватсионии шаҳри Бохтар барои истиқоматкунандагони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Ёвон, Левакант, Хуросон, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав аз ҷониби муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода ва муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода қабули сайёри шаҳрвандон баргузор гардид. Дар он муовини раиси вилоят Фирӯза Шарифӣ ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Ёвон, Левакант, Хуросон, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав, сардорони раёсат, шуъба ва бахши дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат иштирок карданд.*



Дар ҷараёни қабул беш аз 40 нафар шаҳрванд иштирок намуд, ки асосан, вобаста ба дастгирии омӯзгорон, бунёди мактабҳо дар маҳаллаҳои дурдаст, сохтмони бинокҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мизу курсӣ ва компютерҳо, ташкили марказҳои инкишофи кӯдак, дастрас намудани дастурҳо ва маводи методӣ ва ёрирасон ба кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, меъёри муайяни дарс барои омӯзгорони нафақахӯр, таъмини адабиёти таълимӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, дастгирӣ ва имтиёз ба омӯзгорон, ҷудо намудани воҳидҳои корӣ барои фаъолияти равоншиносон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, қадршиносии омӯзгорони собиқадор бо нишонҳои соҳавӣ ва амсоли инҳо дархосту муроҷиатҳои худро пешниҳод намуданд.

Зимни қабули шаҳрвандон муовини якум ва муовини вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати ҳаллу фасли сарივақтии муроҷиатҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Инчунин, аз муовини раиси вилоят ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо дархост ба амал оварда шуд, ки ҷиҳати иҷрои муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки ба мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вобаста аст, чораҳои зарурӣ андешанд.

# Шурои миллии таҳсилот

*29-уми июни соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода ҷаласаи навбатии Шурои миллии таҳсилот баргузор гардид, ки дар он сардорони раёсату шуъбаи дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои вазорат, раисони гурӯҳҳои ҳамоҳангсози барнома ва китобҳои дарсӣ, муаллифону мураттибони адабиёти таълимии баррасишаванда иштирок намуданд.*

Дар ҷаласа директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ Н. Зайниддинзода адабиёти таълимии ба ҷаласа пешниҳодшударо муаррифӣ намуда, иброз дошт, ки барои муҳокима дастхати 1 номгӯй адабиёти таълимӣ барои зинаи таҳсилоти томактабӣ, 19 китоби дарсӣ ва 3 номгӯй дастури таълимию методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 стандарт ва барномаи таълимӣ барои синфҳои ибтидоии зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 9 китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод шудааст.

Роҷеъ ба ҳар як номгӯйи адабиёти таълимию методии пешниҳодшуда аъзои Шӯро фикру пешниҳодҳои худро манзур карданд.

Инчунин, дар ҷаласа роҳбарони гурӯҳҳои ҳамоҳангсози таълими ибтидоӣ ва тарбияи томактабии Шурои миллии таҳсилот, директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Л. Иматова «Оид ба Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводи методӣ барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ» ва С. Неъматов аз ҷараёни «Таҳияи стандарт ва барномаи ҷадиди фанни забони давлатӣ барои синфҳои 2 – 4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон ба забонҳои ғайритоҷикӣ (русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ) суханронӣ карданд.



Дар навбати худ, аз ҷониби раиси ҷаласа, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ. Ҷӯразода риояи ҳатмии қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, таҳрири ҷиддии илмию услубии адабиёти таълимӣ ба мураттибону муаллифон таъкид гардида, инчунин ҷиҳати таъсиси гурӯҳи корӣ дар хусуси бо дарназардошти арзишҳои миллӣ ва идеологияи давлатдории миллии тоҷикон таҳия кардани барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик барои синфҳои 5 – 11, таҳияи дастурҳои таълимиву тарбиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, мавриди омӯзиш қарор додани татбиқи омӯзиши забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Шӯрои миллии таҳсилот ҷузъи давлативу ҷамъиятии сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводи таълимиву методиро такмил ва баррасӣ намуда, фаъолиятро дар ин самт ҳамоҳанг месозад.

# Олимпиадаи байналмилалии «ISI JUNIOR-2022»

2-юми июли соли ҷорӣ бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар толори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқат»-и назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳии Олимпиадаи байналмилалии «ISI Junior-2022» оид ба технологияҳои информатсионӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он роҳбарияти Вазорати маориф ва илм, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Мактаби байналмилалии информатикони ҷавон, сохторҳои дахлдори шаҳриву ҷумҳуриявӣ ва иштирокчиёни олимпиада ширкат намуданд.



Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода зикр кард, ки дар самти дарёфти истеъдодҳои нав дар ҷумҳурӣ пайваста тадбирҳои судманд андешида шуда, ҳамзамон иштироки хонандагон дар ҳаракати олимпӣ ва санҷиши дониш тавассути олимпиадаҳои фаннӣ дар ташаккули қобилият, донишу маҳорати хонандагони болаёқат нақши арзанда дорад.

Дар идома Саъдӣ Самадзода-директори КВД “Шаҳри хушманд”-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Владимир Кирюхин-президенти Мактаби байналмилалии информатикони ҷавон суханронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати татбиқи амалии нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии тадбирҳо вобаста ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мунтазам чораҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд. Баргузории Олимпиадаи байналилалии «ISI Junior-2022» оид ба технологияҳои информатсионӣ дар шаҳри Душанбе низ аз ин ҷумла аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки баргузории Олимпиадаи байналилалии «ISI Junior-2022» оид ба технологияҳои информатсионӣ дар шаҳри Душанбе аз ҷониби дигар кишварҳо ҳамовозии амиқ пайдо намуда, дар он дар 27 дастаи олимпии наврасон 158 нафар хонанда ва 28 мураббӣ аз давлатҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Беларус, Афғонистон, Туркманистон ва Федератсияи Россия иштирок менамоянд.

Ҳамзамон, наврасони кишварҳои Озарбойҷон, Муғулистон, Ҳиндустон, Шри-Ланка, Хитой, Сурия ва Куба дар 20 даста, ки 134 нафарро ташкил медиҳанд, ба тариқи фосилавӣ дар кори он ширкат хоҳанд варзид.

ДАСТОВАРД

# Се нафар олими тоҷик – академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ

Се нафар олими тоҷик Самариддин Афғонов, Ҷумахон Файзализода ва Абдулҳай Комилӣ академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ интихоб гардиданд. Гуфта шуд, ки қарори мазкур дар ҷаласаи навбатии шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ зимни овоздиҳии пӯшида интихоб гардиданд.

Доктори илмҳои педагогика, профессор Самариддин Афғонов ба сифати профессори Донишгоҳи Калифорнияи Амрико фаъолият дошта, муаллифи беш аз 15 таълифот, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҷумахон Файзализода муаллифи 15 таълифот ва беш аз 50 мақолаи илмӣ ва профессор Абдулҳай Комилӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият дорад, муаллифи беш аз 64 китоб, дастур ва васоити таълимӣ ва 360 мақолаи илмӣ мебошанд. Олимони мазкур бо дастовардҳои бунёдӣ дар ҷодаи илм ва маориф чун мутахассисони варзидаи соҳаҳои худ эътироф шудаанд.

Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ соли 1992 бо мақсади мусоидат ба ҳалли мушкилоти муассисаҳои олии таълимӣ дар ҷодаи гузариш ба низоми нави таҳсилот, рушди илм, ҳамгироии кишварҳои ҷаҳон дар низоми таҳсилоти касбӣ таъсис ёфта, беш аз 1200 олими муътабари сатҳи ҷаҳониро аз 45 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистон муттаҳид менамояд. Президенти АИБ МО ходими илм ва техникаи Федератсияи Россия Валентин Шукшунов буда, марказаш дар Маскав ҷойгир аст.

68 нафар наврас дар истироҳатгоҳи «Чанголб»-и Ҳисор ба фароғат фаро гирифта шуданд.

САФАРИ КОРӢ

# Вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маориф

***30-юми июни соли ҷорӣ дар толори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вохӯрии муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода бо кормандони соҳаи маорифи шаҳри Хоруғ баргузор гардид.***

Зимни суҳбат З.Абдулзода бо ёдоварӣ аз дастовардҳои соҳаи маориф дар солҳои соҳибистиқлолӣ зикр кард, ки мақсад аз суҳбати имрӯза иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва сифати таълиму тарбия, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим ва истифодаи технологияи муосир дар раванди дарс, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ ва китобҳои дарсӣ, огоҳӣ пайдо намудан аз вазъи муассисаҳои таълимӣ ва мушкилоти мавҷудаи соҳа дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.




Дар рафти суҳбат муовини вазир бештар ба масъалаи таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва китобҳои дарсию бадеӣ, фарогирии хонандагон ба муассисаҳои томактабию миёнаи умумӣ, хусусан, ҷаби духтарон ба зинаи сеюми таҳсил, дарёфти хонандагони болаёқат ва иштирок дар олимпиадаю озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дар руҳияи худшиносию ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавон ва чанде дигар таваҷҷуҳи иштирокдоронро ҷалб намуда, ҷиҳати бартараф намудани проблемаву мушкилоти ҷойдошта дар самтҳои зикршуда дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Сипас, аз ҷониби иштирокдорон вобаста ба як қатор мушкилоти мавҷуда, аз ҷумла, набудани воҳидҳои корӣ барои методистони шуъбаҳои маориф ва ба таври зарурӣ ҷудо нагардидани маблағ барои аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани онҳо, ҷорӣ намудани таълими экстернат, таъмини гурӯҳҳои русии муассисаҳои таълимии вилоят бо китобҳои дарсӣ, мисли солҳои қаблӣ барқарор намудани маҳфилҳои сурудхонӣ зимни таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дастрасии ҳамаҷониба ба имтиёзҳои мукаррарградида барои омӯзгорон, дар ҳар шаҳру ноҳияи вилоят сохта ба истифода додани як муассисаи типпи нав, пешгирӣ аз санҷишҳои ғайринақшавию беасос аз ҷониби мақомотҳои ғайрисоҳавӣ, ҷалби омӯзгорони нафақагир ба маҳфилҳои марказҳои таҳсилоти иловагӣ, бо назардошти манфиатҳои худ таҳия ва тасдиқ намудани сметаҳои хароҷоти муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби масъулини раёсату шуъбаҳои молия, аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ғайримақсаднок истифода шудани воҳидҳои кории ба соҳа ҷудошуда ва чанде дигар таклифу пешниҳодҳо манзур карда шуд.

Дар охир, бори дигар муовини вазир доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омоданамоии мутахассисони босаводу донишманд, истифодаи усулҳои нави таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим, аз ҷумла, истифодаи тахтаҳои электронӣ, таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсию озмоишгоҳҳои таълимӣ ёдовар шуда, ҳамзамон, зикр кард, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ, таъминот бо компютеру тахтаҳои электронӣ, пешбинӣ намудани имтиёзҳо ба омӯзгорон, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва чанде дигар як қатор тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида истодааст. Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки ҷавобан ба ғамхориҳои давлату Ҳукумат, Пешвои муаззами миллат ва Вазорати маориф ва илм фаъолияти дучанд намуда, дар самти баландбардории сифати таҳсилот, бо истифода аз касбият ба роҳ мондани дарсҳои самарабахш ва омода намудани мутахассисони варзида, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносию ватандӯстӣ, саҳм гузоштан дар корҳои ободонӣ ва чанде дигар саҳми шоиста гузоранд.

# Шиносоӣ аз марказҳои омӯзишӣ

Дар доираи сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон З.Абдулзода-муовини вазири маориф ва илм аз марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди раёсати маорифи вилоят ва Академияи хурди илмҳои вилоят дидан намуда, бо шароити корӣ аз наздик шинос гардида, инчунин, бо кормандон суҳбати самимӣ анҷом дод.



Дар рафти суҳбат бо кормандони Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода аз масъулин омилҳои кам иштирок намудани хонандагони вилоят дар олимпиадаю озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявиро пурсон шуда, ҳамзамон ҷиҳати аз деҳаҳои дурдаст дарёфт намудани хонандагони болаёқат ва дар марказ омода кардани онҳо ба олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ба таври доимӣ моҳе як маротиба баргузор намудани олимпиадаҳои гуногун дар муассисаҳои таълимӣ, ҷалби омӯзгорони варзидаю соҳибмактаб барои омодасозии кормандагон ба озмунҳо ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Таъкид гардид, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳаракати олимпӣ моро зарур аст, ки хонандагони донишманд, лаёқатманд ва боистеъдодро дарёфт ва тарбия намуда, дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ номи вилоят ва кишвари азизамонро муаррифӣ намуда, Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардорем.

# Боздид аз филиали донишкада

***30-юми июни соли ҷорӣ дар доираи сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода бо филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ шинос гардид.***



Муовини вазир нахуст аз утоқҳои корӣ, синфхонаҳои таълимӣ ва студияи сабти машғулиятҳои таълимӣ дидан намуд. Иттилоъ дода шуд, ки филиали донишкада дар шаш моҳи соли ҷорӣ 24 курс ва 2 семинари мақсаднок бо фарогирии 600 нафар шунаванда баргузор намудааст. Инчунин, тибқи нақша аз рӯйи усули “Омӯзиши омехта” бо мақсади нишон додани роҳҳои истифодабарии усулҳои фаъоли таълим ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дарсҳои видеоӣ бо теъдоди 37 дарс ҳамчун маводи ёрирасони методӣ сабт ва дастраси омӯзгорон гардонида шудааст.

Сипас, вохӯрии муовини вазир бо кормандону омӯзгорони филиал баргузор гардид.

Зимни суҳбати озоду ошкоро З.Абдулзода зикр кард, ки ҳадаф аз боздиди муассисаи мазкур иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим ва истифодаи технологияи муосир дар раванди дарс, сари вақт аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорону кормандони соҳаи маориф, шиносоӣ бо вазъи муассисаҳои таълимӣ, инчунин, огоҳӣ пайдо намудан аз мушкилоти мавҷудаи соҳа дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

- Дар баробари дастовардҳо дар филиали донишкада як қатор мушкилоте мавҷуд аст, ки аз ҳар кадоми мо масъулияти бештарро тақозо менамояд. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба методикаи таълим, истифодаи технологияи муосир дар раванди дарсҳо, муносибати босалоҳият дар раванди таълим, такмили касбияти омӯзгорон аз зумраи масъалаҳоест, ки бояд мо бештар таваҷҷуҳ намоем, -зикр кард З.Абдулзода.

Дар рафти суҳбат, инчунин, аз ҷониби иштирокдорон вобаста ба зиёд намудани музди меҳнати кормандон, сари вақт ҷудо намудани маблағҳои ҷудошуда аз ҷониби раёсати молияи вилоят, зиёд намудани маблағгузории самти такмили ихтисосу бозомӯзӣ, пешбинӣ намудани имтиёзҳои бештар ба омӯзгорон ва чанде дигар таклифу пешниҳодоти худро манзур намуданд.

ТОБИСТОНИ БАЧАҲО

# «Насими Фархор» ба фаъолият оғоз намуд

Дар назди осоишгоҳи «Насими Фархор» бо ташаббус ва дастгирии раёсати иттифоқҳои касабаи кормандони маорифи ноҳия истироҳатгоҳи таълимӣ-фароғатии истеъдодҳо ба фаъолият оғоз намуд. Айни ҳол дар ин ҷо 30 нафар кӯдаку наврас аз оилаҳои ниёзманд ва тарбиятгирандагони хонаи бачагони ноҳия ба истироҳату таълим фаро гирифта шуданд. Бояд қайд намуд, ки ҳамасола мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва шуъбаи маориф ба истироҳату фароғати тобистонаи мактаббачагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Дар мавсими имсола дар назди 30 муассисаи таълимӣ ва 10 муассисаи томактабӣ майдончаҳои беҳдошти саломатӣ бо хӯроки гарм ва фарогирии 7620 нафар кӯдаку наврас дар ду баст ба нақша гирифта шудааст. Айни замон, дар басти якуми истироҳатгоҳҳои назди мактабӣ 4557 нафар мактаббача ба истироҳат фаро гирифта шудаанд. Дар ташкил ва баргузории истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон ҳиссаи соҳибкорони шахсони саховатпеша назаррас мебошад.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

Барои таҳияи рамзи шаҳри Хоруғ озмун эълон гардид.

АРЗЁБӢ

# Вазъи соҳаи маориф дар ВМКБ беҳбудӣ мехоҳад

***1-уми июли соли ҷорӣ дар толори Муассисаи таълимии давлатии “Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ” дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ ба номи Додхудо Карамшоев таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода ҷаласаи корӣ «Оид ба таҳлилу баррасии вазъи соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” баргузор гардид, ки дар он муовини раиси ВМКБ Н. Асламшоева, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб (сарпарастони соҳа), муовини сардори раёсати маорифи вилоят, мудирон ва кормандони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят, директорони марказҳои таҳсилоти иловагӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия, директори мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муовини директори филиалаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, директорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ноҳияи Рӯшон иштирок намуданд.***



Ҷаласаро муовини вазири маориф ва илм ифтитоҳ намуда, иштирокдоронро бо масъалаи баррасишаванд шинос намуд ва зикр кард, ки дар ҷаласаи имрӯза, асосан, вазъи соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода мешавад.

Сипас, гузориши Ҷалолиддин Амиров–корманди Вазорати маориф ва илм “Оид ба таҳлилу баррасии вазъи соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” шунида шуд.

Зикр гардид, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб аз 25109 кӯдаки синни томактабӣ (аз таваллуд то 5-сола) 8087 нафар ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудааст, ки 32,2%-ро ташкил медиҳад.

Аз 8 087 нафар кӯдаки ба таълиму тарбия фарогирифташуда 2110 ё худ 26%-и онҳо дар кӯдакистонҳо ва 5977 нафар ё худ 74% дар марказҳои инкишофи кӯдак фаро гирифта шудааст. Дар 8 шаҳру ноҳияи мавриди назар дар 104 гурӯҳи муассисаҳои томактабӣ 2110 нафар ва 5977 нафар дар 465 гурӯҳи марказҳои инкишофи ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Аз 692 нафар мураббие, ки дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдаки шаҳру ноҳияҳои мазкур ба таълиму тарбия машғуланд, 334 нафар (56,4%)-ро мураббиёни дорои таҳсилоти олӣ, 261 нафар (44%)-ро дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 97 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ (14,1%) ташкил медиҳанд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №316 дар бораи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардида, тибқи он сохтмони 8 муассисаҳои томактабӣ дар вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Дар давраи амалишавии Барнома аз 8 муассисаи томактабӣ, сохтмони 2 кӯдакистон дар ноҳияҳои Шуғнон ва Ванҷ идома дорад ва 2 бинои маркази рушди барвақтӣ дар ноҳияҳои Шуғнон ва Дарвоз сохта ба истифода дода шуданд.

Ғизои солим, яке аз масъалаи ҳалталаби рӯз барои кӯдакони синну соли томактабӣ мебошад. Ба ҳисоби миёна дар як рӯз ба як кӯдак аз ҳисоби буҷети маҳал ва маблағи падару модарон 2 сомонию 10 дирам пешбинӣ шудааст, ки нокифоя мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 313 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд, ки аз он ба шаҳри Хоруғ 15 муассиса, ноҳияҳои Дарвоз 48 муассиса, Ванҷ 50 муассиса, Рӯшон 45 муассиса, Шуғнон 56 муассиса, Ишкошим 45 муассиса, Роштқалъа 41 муассиса ва Мурғоб 13 муассиса мансуб мебошад.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб гардида, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон зич алоқаманд аст.

Тибқи маълумот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят 5753 нафар омӯзгор кору фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора, дар шаҳри Хоруғ 523 нафар, ноҳияҳои Дарвоз 631 нафар, Ванҷ 804 нафар, Рӯшон 793 нафар, Шуғнон 949 нафар, Ишкошим 908 нафар, Роштқалъа 753 нафар ва Мурғоб 392 нафар омӯзгор ба қайд гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамасола аз ҷониби шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба Вазорати маориф ва илм оид ба эҳтиёҷот ба омӯзгорони ихтисосманд дархост пешниҳод карда мешавад. Аз ҳисоби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ (равияи омӯзгорӣ) дар соли таҳсили 2021-2022 ба муассисаҳои таълимии вилоят 393 нафар мутахассиси ҷавон фиристода шуда, 225 нафар ба ҷойи кор ҳозир шуда, 97 нафар бо ҷои кор таъмин ва 53 нафар дар набат қарор дорад, ки он 57,2%-ро ташкил медиҳад.

Ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон дар шаҳри Хоруғ – 41,1%, ноҳияҳои Дарвоз 30%, Ванҷ 40%, Рӯшон 44,1%, Шуғнон 57,4%, Ишкошим 68,1%, Роштқалъа 55,8%, ва Мурғоб 85% ба қайд гирифта шудааст.

Бо вуҷуди он, соли таҳсили 2021-2022 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ВМКБ 177 нафар норасоии омӯзгор ба қайд гирифта шуда буд, ки аз ин дар ноҳияҳои Дарвоз-48, Ванҷ-12, Рӯшон-23, Шуғнон-16, Ишкошим-29, Роштқалъа-9 ва Мурғоб-40 нафарро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади дастгирии мутахассисони ҷавон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул гардидааст. Мутаассифона, иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» дар вилоят ба таври дилхоҳ ба роҳ монда нашудааст.



Дар ин замина, рӯйхати 74 нафар мутахассиси ҷавон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 6 ҳазор сомонӣ пешниҳод гардид, ки дар маҷмуъ 444 000 сомониро ташкил медиҳад.

Аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастӣ дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ 324 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақа иштирок намуда, сазовори 113 ҷойи ифтихорӣ гардиданд, ки аз ин 21 ҷойи якум, 21 ҷойи дуюм ва 71 ҷойи сеюм мебошад. Аз ҷумла, хонандагони шаҳри Хоруғ соҳиби 63 ҷойи ифтихорӣ, ноҳияҳои Шуғнон 26 ҷой, Ишкошим 8 ҷой, Рӯшон 6 ҷой, Ванҷ 5 ҷой, Дарвоз 3 ҷой ва Роштқалъа 2 ҷойи ифтихорӣ гардида, хонандагони ноҳияи Мурғоб давоми 3 соли охир дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявии фаннӣ умуман иштирок накардаанд.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар солҳои 1991-2021 дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ 188 бинои нав ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 39267 ҷойи нишаст сохта бо истифода дода шуда, дар соли 2022 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 6 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 2148 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Яке аз омилҳои асосӣ дар самти баланд бардоштани дониши хонандагон ва таъмини сифати таҳсилот ин таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ маҳсуб ёфта, Вазорати маориф ва илм дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Давоми соли 2021 ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят 30397 нусха китобҳои дарсӣ таъмин карда шуд, ки ба шаҳри Хоруғ-3200, ноҳияҳои Дарвоз-3600, Ванҷ-3231, Рӯшон-5529, Шуғнон-3077, Ишкошим-6600, Роштқалъа-4660 ва Мурғоб-500 рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъали такмили ихтисос дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст. Чунончи, фарогирӣ ба курсҳои такмили ихтисос дар заминаи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилоят 86%-ро ташкил дода, фоизи фарогирӣ дар ноҳияҳои Дарвоз 35%, Мурғоб 45%, Ванҷ 45% ва Ишкошим 65,3%-ро ташкил медиҳад, ки нигаронкунанда аст.

Ҳамзмон, тибқи нақшаи амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №114) дар соли 2021 дар муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бояд 158 кабинети фаннӣ ва 8 озмоишгоҳи таълимӣ таҷҳизонида мешуд. Мутаасифона, дар давоми соли 2021 ва нимсолаи якуми соли 2022 нақшаи Барномаи мазкур бо сабаби норасоии маблағ иҷро нагардида, ягон кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳи муҷаҳҳаз харидорӣ нагардидааст.

Масъулини шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи амали Барномаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025-ро дар ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо медонанд.

Рафти иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар маркази диққати кормандони соҳаи маориф қарор дошта, айни ҳол дар муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 3253 адад компютер мавҷуд буда, 465 адади он таъмирталаб мебошад. Ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур дар соли 2022 аз 97 адад компютери банақшагирифташуда 50 адад харидорӣ шудааст, ки 51%-и нақшаро ташкил медиҳад. Инчунин, аз 50 адад тахтаи электронии банақшагирифташуда ягон адад харидорӣ нашудааст. Масъулин иҷро нагардидани нақшаи барномаҳоро аз ҷудо нашудани маблағ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо медонанд.

Баъд аз гузориш, муовини вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати андешидани тадбирҳои судманд доир ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, бунёди муассисаҳои томактабӣ ва зиёд намудани фарогирии наврасону кӯдакон ба ин зинаи таҳсилот, рафти иҷрои барномаҳои давлатӣ дар зинаи таҳсилоти томактаӣ, фарогирии кӯдакон дар марказҳои инкишофи кӯдак, бунёди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бартараф намудани норасоии ҷойи нишаст, бартараф намудани норасоии кадрӣ ва китобҳои дарсӣ, таъмини омӯзгорони ҷавон бо имтиёзҳои муқаррааргардида, рафти иҷрои барномаҳои давлатӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳо, аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон ва пардохти маблағҳои сафархарҷӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ, технологияи муосир ва истифодаи он дар раванди таълим, ҷоннок намудани фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва таҳсилоти иловагӣ, иштироки хонандагону донишҷӯён дар озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм-фурӯғи маърифат” ва озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Ҳамзамон, бо истифода аз иштироки муовини раиси вилоят ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо муовини вазири маориф ва илм З.Абдулзода гуфт, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, ки аз мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру ноҳияҳо вобаста аст, тадбирҳои саривақтию мушаххас роҳандозӣ карда шавад.

Муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Н. Асламшоева зикр кард, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва аҳли маорифи вилоят ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои зикргардида тадбирҳои заруририро роҳандозӣ менамоянд.

Дар охир ба муовини сардори раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб дастур дода шуд, ки проблемаву мушкилот ва камбудиҳои зикршудаоро дар кутоҳтарин муҳлат бартараф карда, аз натиҷааш ба Вазорати маориф ва илм маълумот пешниҳод намоянд.

***Эҳсони ХУШБАХТ***

Тоҷикистон ва Португалия татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028-ро баррасӣ намуданд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ МИНТАҚАИ БОХТАР**

# Минтақаи Бохтар: мушкилотро

***2-юми июли соли ҷорӣ дар коллеҷи тиббӣ - инноватсионии шаҳри Бохтар таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода ҷаласаи кории сайёр баргузор гардид. Дар он муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода, муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Ёвон, Левакант, Хуросон, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав, сардорони раёсат, шуъба ва бахши дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардори раёсати маорифи вилоят, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои номбаршуда, директорони марказҳои таҳсилоти иловагӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия, директорону ректорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ иштирок карданд.***



Дар оғоз муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷ. Ҷӯразода қайд кард, ки маориф дар сиёсати давлатӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок қабул гардида, дар ин замина, бо дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Ҳукумати мамлакат мунтазам талош менамояд, ки мақому мартабаи омӯзгор ҳамчун неруи пешбаранда ва машъалафрӯзи ҷомеа боз ҳам баланд бардошта шавад.

Мавсуф, инчунин, аз мулоқоти вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро бо роҳбари Шӯрои иҷроияи ЮНЕСКО Тамара Растовак Сиавишвили дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса ёдовар шуд, ки дар он вобаста ба масъалаҳои шиносоии иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Саммити муқаддимотии вазирони маорифи кишварҳои дунё ва рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сипас, дар ҷаласа вазъи соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Ёвон, Левакант, Хуросон, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав ва омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифт. Дар ин хусус гузориши муфассали сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Зиёратшоҳ Назруллозода шунида шуд.

Зимни баррасии вазъи соҳаи маорифи шаҳру навоҳии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон З. Назруллозода қайд кард, ки таҳсилоти томактабӣ аввалин зинаи таълимӣ ба ҳисоб рафта, маҳз дар ҳамин давра барои омода намудани кӯдак ба таълим ва ташаккули равонию ҷисмонии он шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар 14 шаҳру ноҳияи минтақаи Бохтар аз 252 ҳаз. 379 кӯдаки синни томактабӣ (аз 3 то 6-сола) 24 ҳаз. 19 нафар ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудааст, ки 9,5%-ро ташкил медиҳад ва аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ 5,9% паст мебошад. Мутаассифона, фарогирӣ дар ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ 3 фоиз, Ҷайҳун 3 фоиз ва Дӯстӣ 5 фоиз аст.

Таҳлили рафти иҷрои "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" нишон дод, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати амалигардонии барномаи мазкур қарори раисони шаҳру ноҳия ва нақшаи чорабиниҳо ба тасвиб расида бошад ҳам, нақшаи сохтмони муассисаҳои томактабӣ сол ба сол ба инобат гирифта нашудааст.

Агар дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 7 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ бо фарогирии 461 нафар кӯдак фаъолият менамуд, ин шумора дар соли 2021 ба 12 муассиса бо фарогирии 671 нафар кӯдак расидааст. Дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 2, Қубодиён, Ҷалолилидини Балхӣ, Ёвон, Кӯшониён, Левакант ва ноҳияи Ховалинг 1 - ададӣ муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият менамоянд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои минтақа муассисаҳои таҳсилоти томактабии хусусӣ бунёд нагардидааст.

Таъмиру азнавсозӣ, баргардонидан ва барқарор намудани биноҳои кӯдакистонҳо дар аксари шаҳру ноҳияҳои вилоят ба пуррагӣ амалӣ нагардидааст. Баргардонидан, барқарорсозӣ, таъмири муассисаҳои томактабӣ ва ташкили шаклҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла, марказҳои инкишофи кӯдак ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст. Дар ин самт низ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкур дар сатҳи зарурӣ фаъолият накардаанд. Дар 13 шаҳру ноҳияҳои вилоят 38 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла, дар шаҳри Бохтар 8, ноҳияҳои Панҷ 9, Вахш 3, Ёвон 2, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кӯшониён 1-ададӣ, дар маҷмуъ, 25 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фурӯхта ё ғайриқонунӣ хусусӣ гардонида шудааст.

– Таҳсилоти умумӣ давраи ташаккулёбии кӯдакону наврасон маҳсуб ёфта, ҷиҳати рушди ин зинаи таҳсилот таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳои минтақа 735 муассисаи таҳсилоти умумӣ (Бохтар – 22, Вахш – 66, Кӯшониён – 60, Ҷалолиддини Балхӣ – 72, Ҷайҳун – 45, Панҷ – 52, Дӯстӣ – 49, Қубодиён – 61, Шаҳритус – 55, Хуросон – 62, Абдураҳмони Ҷомӣ – 64, Носири Хусрав – 26, Леваканд – 17 ва Ёвон – 84) фаъолият менамояд.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб гардида, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон алоқаманд аст.

Бояд қайд намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои мазкур 25 ҳаз. 762 нафар (15 ҳаз. 185 зан) омӯзгор фаъолият доранд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 17 ҳаз. 149 нафар – 66,5% дорои таҳсилоти олӣ, 7 ҳаз. 206 нафар – 28% дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 1407 нафар – 5,5% дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки нақши омӯзгори соҳибкасб дар таълиму тарбияи насли наврас бузург аст. Таҳлили омори омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои минтақа нишон дод, ки дар соли таҳсили 2021-2022 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2501 нафар (1467 зан) ба таълиму тарбия машғуланд, ки аз онҳо 948 нафар (385 зан) бо таҳсилоти олии ғайрипедагогӣ ва 1553 нафар (1082 зан) бо таҳсилоти миёнаи касбии ғайрипедагогӣ (корманди тиб, инженер, агроном, байтор, менеҷер, иқтисодчӣ, сиёсатшинос, технолог, барномасоз, тарҷумон, ҳуқуқшинос-психолог, биолог-эколог, химия-экология, муҳосиб, шарқшинос) мебошад.

Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос ҳамасола аз ҷониби шуъбаҳои маорифи минтақа ба Вазорати маориф ва илм дархост пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба ин, бо роҳхати Вазорати маориф ва илм ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар 673 нафар мутахассиси ҷавон фиристода шуд, ки аз ин шумора 378 нафар (56,2%) ба ҷойи кор ҳозир шуд. Натиҷаи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон нисбат ба ҷумҳурӣ 2,6% паст мебошад. Ба истисноҳои ноҳияҳои Дӯстӣ ва Носири Хусрав ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон дар дигар шаҳру ноҳияҳои минтақа аз 28 то 66%-ро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақа дар соли таҳсили 2021-2022 250 нафар омӯзгор аз фанҳои таълимӣ намерасид.

Аз ҷумла, норасоии мазкур дар шаҳри Бохтар – 15 нафар, ноҳияҳои Вахш - 26 нафар, Кӯшониён - 20 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ – 22 нафар, Ҷайҳун – 17 нафар, Панҷ – 17 нафар, Дӯстӣ – 18 нафар, Қубодиён – 20 нафар, Шаҳритус – 19 нафар, Хуросон – 23 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ – 20 нафар, Носири Хусрав – 13 нафар ва Ёвон – 20 нафар ба қайд гирифта шудааст, - зикр намуд З. Назруллозода.

Дар идома мавсуф таъкид кард, ки бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006, №197 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул карда шудааст.

Қарзи имтиёзнок дар муддати 3 соли аввали фаъолияти меҳнатии омӯзгорони ҷавоне, ки маълумоти олии омӯзгорӣ доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд, барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё ин ки парвариши 20 оилаи занбӯри асал дода мешавад.

Ҳамзамон, барои омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2015, №433 дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон 10% иловапулӣ ба маош пешбинӣ гардидааст.

Рафти иҷрои қарорҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳои минтақа ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар соли 2021 аз 378 нафар мутахассиси ҷавони ба ҷойи кор ҳозиршуда 62 нафар бо қарзи имтиёзнок (9 нафар дар ноҳияи Вахш, 3 нафар ноҳияи Панҷ, 4 нафар дар ноҳияи Дӯстӣ, 4 нафар дар ноҳияи Қубодиён, 12 нафар дар ноҳияи Хуросон, 5 нафар дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, 14 нафар дар ноҳияи Носири Хусрав, 10 нафар дар шаҳри Леваканд ва 1 нафар дар ноҳияи Ёвон), 29 нафар бо замини наздиҳавлигӣ (Ҷайҳун 28 нафар ва Панҷ 1 нафар) таъмин гардидаанд. Мутаассифона, ба ягон нафар мутахассиси ҷавон замин барои полез ва боғдорӣ дода нашудааст.

Аз ин рӯ, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру минтақаро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ мутахассисони ҷавонро ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб ва норасоии кадриро бартараф карда, иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон»-ро таъмин намоянд.

– Дар нимсолаи якуми соли 2022 дар заминаи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар барои омӯзгорони фаннӣ 104 курси такмили ихтисос гузаронида шудааст, ки дар онҳо 2595 нафар иштирок намудаанд ва иҷрои нақша 99,8%-ро ташкил медиҳад. Фарогирии омӯзгорон дар ноҳияҳои Хуросон 78,5%, Дӯстӣ 90%, Абдураҳмони Ҷомӣ 90% ва Ҷайҳун 92,3%-ро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилоти асосии иҷро нагардидани нақшаи аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон, сари вақт аз ҷониби раёсату шуъбаи молияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пардохт нашудани маблағи сафархарҷии онҳо мебошад. Тибқи маълумот, дар давоми солҳои 2019-2021 ба омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои минтақа (ба ғайр аз шаҳрҳои Бохтар, Норак ва ноҳияи Қубодиён) аз ҳисоби умумии 5 млн. 775 ҳазору 4 сомонӣ танҳо 197 ҳазору 472 сомонӣ (3,4%) пардохт карда шудааст, – иброз дошт З. Назруллозода.

Ба таъкиди ӯ, сол аз сол таваҷҷуҳи падару модарон ҷиҳати донишандӯзии фарзандон зиёд гардида, барои идомаи таҳсил ва гирифтани касб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (зинаи сеюми таҳсилот), муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ фарзандони худ (махсусан, духтарон)-ро бештар раҳнамоӣ мекунанд.

Соли таҳсили 2020-2021 синфи 9-и муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаро 35 302 нафар (16 947 духтар) хатм намуд. Аз ҳисоби хатмкардаҳои синфи 9 25021 нафар (10971 духтар) ё 70,9% ба зинаи сеюми таҳсилот (синфи 10) фаро гирифта шуд. Ҳамзамон, дар соли таҳсили 2021-2022 4 ҳаз. 304 нафар (2270 духтар) аз ҳисоби хатмкардагони зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дохил гардиданд, ки 12,2%-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, дар шаҳру ноҳияҳои минтақа 83,1%-и хат-

# бартараф бояд кард

мкардагони синфи 9 ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди тадбирҳои амалигардида, фарогирии хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Дӯстӣ, Ҷайҳун ва Ёвон дар сатҳи зарурӣ нест.

Яке аз омилҳои асосӣ дар самти баланд бардоштани дониши хонандагон ва сифати таҳсилот, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ махсуб меёбад. Дар давоми 6 моҳи соли 2022 ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақа 63 номгӯй китоби дарсӣ ба миқдори 666 ҳазору 595 нусха дастрас шудааст. Инчунин, рӯзҳои наздиктарин ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои мазкур боз 11 номгӯй китоби дарсӣ бо теъдоди 88 ҳазору 652 нусха дастрас мегардад.

Бо вуҷуди ин, муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақа барои соли таҳсили 2022-2023 бо дарназардошти зиёдшавии хонанда ва муҳлати нашри такрории китобҳои дарсӣ ба миқдори 1 млн 242 ҳазору 219 нусха дархост ба китоб пешниҳод кардаанд.

Ҷиҳати бартараф кардани эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо ҳамкории 18 ширкати ношироти ватанӣ чопи 37 номгӯй китобҳои дарсиро бо теъдоди умумии 3 млн 435 ҳазору 944 нусха ба роҳ мондааст, ки ин миқдор китобҳои дарсӣ пас аз пурра нашр шудан ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фиристода мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки Вазорати маориф ва илм барои чопи 11 номгӯй китобҳои дарсӣ дар нашри навбатӣ бо теъдоди 540 ҳазор нусха озмун эълон намудааст.

Ҳамчунин, тибқи «Нақшаи дурнамои чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2022» боз 4 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 150 ҳазор нусха барои пешниҳод ба озмуни чоп омода гардидааст.

Қабул гардидани барномаҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди дурнамои соҳаро муайян намуда, барои пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

Тибқи амалишавии "Барномаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" дар соли 2021 9 озмоишгоҳи таълимӣ ва 488 кабинети фаннӣ тарҳрезӣ шуда буд, ки бо дарназардошти ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ иҷро нагардид. Дар 6 моҳи соли 2022 дар муассисаҳои таълимии минтақа аз 14 озмоишгоҳи таълимӣ ва 485 кабинети фаннии банақшагирифта, танҳо 69 кабинети фаннӣ ба ғайр аз ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Ёвон, Кӯшониён, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Шаҳритус харидорӣ гардидааст, ки 14,2%-и иҷрои барномаро ташкил медиҳад.

Сабаби асосии иҷро нагардидани барномаи мазкур дар ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Рафти иҷрои "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" дар маркази диққати кормандони соҳаи маориф қарор дошта, бо ҷалби маблағҳои буҷети шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорон ва шахсони алоҳида ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Левакант, Ҷайҳун, Кӯшониён, Ҷалолиддини Балхӣ, Хуросон, Панҷ, Носири Хусрав, Қубодиён, Ёвон, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Вахш 15 ҳазору 137 компютер, 1978 принтер, 268 адад тахтаи электронӣ ва 447 адад видеопроектор харидорӣ гардида, дар муассисаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Тибқи талаботи барномаи мазкур дар шашмоҳаи аввали соли 2022 аз ҷониби шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақа бояд 2370 компютер ва 70 тахтаи электронӣ харидорӣ карда мешуд. Мутаассифона, ба ҳолати моҳи июни соли 2022 277 компютер ва 31тахтаи электронӣ харидорӣ гардидааст, ки мутаносибан 11,7% ва 44,3%-и иҷрои нақшаро ташкил медиҳад.

Сабаби иҷро нагардидани ин барнома низ ҷудо нашудани маблағ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳост.

Дар робита ба ин, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақаро зарур аст, ки ҳамкориро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо пурзӯр намуда, ҷиҳати амалӣ намудани талаботи барномаҳои давлатӣ тадбирандешӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки воҳидҳои кории марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар бо истиснои марказҳои вилоятӣ ва ноҳияи Вахш мукаммал нестанд. 5 маркази дарёфт ва рушди истеъдоди шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар (маркази вилоятӣ, Бохтар, Панҷ, Ёвон, Вахш, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ ва Шаҳритус) бинои худро надошта, дар биноҳои раёсату шуъбаҳои маориф, марказҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва муассисаҳои таълимӣ ҷойгиранд, ки барои ташкили фаъолияти самарабахши маҳфилҳои фаннӣ таъсири манфӣ мерасонад. 12 маркази дарёфт ва рушди истеъдоди шаҳру ноҳияҳои мазкур бо мустақилияти молиявӣ таъмин буда, марказҳои шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои Левакант ва Абдураҳмони Ҷомӣ мустақилияти молиявӣ надоранд.

Дар 15 шаҳру ноҳияи минтақаи Бохтар соли 2022 маблағгузории "Барномаи мақсадноки маҳаллии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025" барои иҷрои самараноки ҳадафҳои барнома 11 млн. 134 ҳазору 140 сомонӣ ҷудо гардидааст. Натиҷаи ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфҳои 5-11 аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақаи Бохтар нишон дод, ки аз 720 нафар иштирокчӣ 205 (28,5%) нафар сазовори ҷойи ифтихорӣ (27 (13,2%) – медали тилло, 50 (24,4%) – медали нуқра ва 128 (62,4%) – медали биринҷӣ) гардиданд.

Дар идома сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм қайд кард, ки дар давр замони соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 450 муассисаи таълимӣ ва биноии иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 81 ҳазору 955 ҷойи нишаст бунёд гардидааст ва 56 муассисаи таълимӣ аз таъмири асосӣ баровардa шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар соли 2022 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 115 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 18 ҳазору 513 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои минтақа 58 бинои муассисаи таълимӣ (Бохтар-1, Левакант – 1, Ҷайҳун – 7, Кӯшониён – 2,Ҷалолиддини Балхӣ – 4, Хуросон – 6, Панҷ – 5, Носири Хусрав – 2, Қубодиён – 4, Ёвон – 5, Дӯстӣ – 9, Абдураҳмони Ҷомӣ – 5 ва Вахш – 7) дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 42 бинои муассисаи таълимӣ (Левакант – 2, Ҷайҳун – 2, Кӯшониён – 2, Ҷалолиддини Балхӣ – 3, Хуросон – 3, Панҷ – 4, Носири Хусрав – 2, Қубодиён – 2, Шаҳритус – 5, Ёвон – 6, Дӯстӣ – 4, Абдураҳмони Ҷомӣ – 3 ва Вахш – 4) ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Талабот дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 7693 тонна ангишт, 9721$м^3$ ҳезум ва 29816 литр сӯзишвории дизелӣ буда, аз ҳисоби бақияи соли гузашта 202 тонна ангишт ва 238$м^3$ ҳезумро ташкил медиҳад. Нақшаи захираи ангишт 2,6% ва ҳезум 2,4% иҷро гардидааст.

Аз ин рӯ, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифу шаҳру ноҳияҳои вилоят уҳдадор карда мешаванд, ки ҷиҳати иҷрои сариваќтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №133 "Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023" дар муҳлати кӯтоҳтарин чораҳои амалӣ андешанд.

Дар зимн раиси ҷаласа, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода ба масъулин ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои зикргардида, махсусан, андешидани тадбирҳои судманд доир ба бунёди муассисаҳои томактабӣ ва зиёд намудани фарогирии кӯдакон ба ин зинаи таҳсилот, сохтмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бартараф намудани норасоии ҷойи нишаст, бартараф кардани норасоии кадрӣ ва китобҳои дарсӣ, дастгирии омӯзгорони ҷавон, иҷрои барномаҳои давлатӣ, иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳо, аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон ва пардохти маблағҳои сафархарҷӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ, технологияи муосир ва истифодаи он дар раванди таълим, ҷонок намудани фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва таҳсилоти иловагӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Ҳамчунин, аз муовини раиси вилоят ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо даъват ба амал оварда шуд, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои судманд андешанд.



*Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,*
*Насриддин ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

---

ШИНОСОӢ

***30-юми июни соли ҷорӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода аз Маркази муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дидан намуд.***

## Боздид аз маркази муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

Нахуст муовини вазир аз утоқҳои кории кормандону синфхонаҳои таълимӣ ва рафти маҳфилҳо дидан намуда, бо аъзои маҳфилҳо суҳбатҳои озоду самимӣ анҷом дод. Иттилоъ дода шуд, ки аз оғози соли 2022 дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии вилоят 197 маҳфил бо фарогирии 5279 таълимгиранда фаъолият намуда истодааст.

Баъд аз шиносоӣ бо шароити кории кормандон муовини вазири маориф ва илм бо кормандони Маркази муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон суҳбати озоду самимӣ анҷом дод.

З. Абдулзода зикр кард, ки фарогирии хонандагон ба маҳфилҳо дар вилоят 15%-ро ташкил медиҳад ва ин нокифоя буда, зарур аст, ки бо истифода аз базаи моддию техники муассисаҳои таълимии вилоят теъдоди маҳфилҳо зиёд ва фарогирии хонандагон бамаротиб афзоиш дода шавад.

Дар рафти суҳбат иштирокдорон таъкид намуданд, ки набудани биноии замонавӣ, кам будани синфхонаҳои таълимӣ дар марказҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои вилоят, норасоии китобҳои дарсию бадеӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани курсҳои такмили ихтисос барои кормандон, дар қиёс бо дигар шаҳру ноҳияҳо дар 0,5 воҳиди корӣ фаъолият намудани роҳбарони созмонҳои хонандагон аз ҷумлаи он мушкилотест, ки барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани маҳфилҳо таъсир мерасонанд.

Дар охир муовини вазир доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омоданамоии мутахассисони босаводу донишманд, истифодаи усулҳои нави таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим, аз ҷумла, истифодаи тахтаҳои электронӣ ёдовар шуда, ҳамзамон, зикр кард, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим Ҳамро ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ супоришҳои мушаххас дод.

---

Наврасони Хоруғ ба лагери дараи Ромити шаҳри Ваҳдат ҷалб шуданд.

*Агар мехоҳӣ роҳат бихобӣ, виҷдонро пок бидор.*

*Бенҷамин Франклин*



**БА ОЗМУНИ «ПЕШВОИ МИЛЛАТ-ҲОМӢ, АРҶГУЗОР ВА ТАРҒИБГАРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»**

# Ҳомӣ ва тарғибгари забони тоҷикӣ

> *Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиноснома миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёгонам мебошад.*
>
> *Эмомалӣ РАҲМОН*

Миллате, ки забони миллии худро бузург надонад ва арҷ нагузорад, дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ ба коми адам фурӯ меравад, зеро забон калидитарину бунёдитарин унсури ҳувиятофарини ҳар миллат аст. Мо - ориёитабороні тоҷикзабон дар саросари таърихи худ аз забони модариамон бо сарсупурдагӣ пуштибонӣ карда, истиқлоли онро дар бештари сарзаминҳои модариамон нигоҳ доштаем. Донишмандони закӣ нағз огоҳанд, ки забони мо бузургтарину волотарину азизтарин сармояи миллии мост.

Осори фарҳангиву таърихии бегазанду мондагоре, монанди «Авасто», «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно, «Девон»-и Ҳофиз, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ ва «Куллиёт»-и Бедил забони тоҷикӣ-форсиро дар дарозои асрҳо зиндаву поянда нигоҳ доштаанд.

Дар тӯли таърих фарзандони фарзонаи миллати тоҷик ҳамеша пайи нигоҳ доштани забони миллӣ, арзишҳои миллӣ, асолати миллӣ, ҳувияту худшиносии миллӣ ва фарҳангу тамаддун талош намуда, аз давлату миллати худ дифоъ кардаанд. Ин рисолатро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар дӯш гирифтанд. Дар баробари дигар арзишҳои миллии тоҷикон дар поянда ва бегазанд нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ки як рукни аслии шинохти миллати тоҷик ба шумор меравад, саҳми Пешвои миллат хеле бузург ва мондагор мебошад.

Воқеан, Президенти Тоҷикистон масъалаи забонро як ҷузъи таркибии сиёсат қарор доданд ва барои муаррифӣ ва ташаккулу такомули забони миллӣ хидматҳои сазовор мекунанд. Дар сиёсати Пешвои миллат забон ҷузъи ҷудонопазири ҳастии миллат ба шумор меравад, ки инро таваҷҷуҳи бевоситаи он кас ба забони тоҷикӣ ва таълифи асарҳои алоҳида собит менамояд. Асарҳое, ба монанди «Забони миллат-ҳастии миллат» (дар ду қисм), «Чеҳраҳои мондагор» ва монанди инҳо бозгӯйи онанд, ки муҳтарам Президент ҳомӣ ва тарғибгари забони тоҷикӣ мебошанд.



Андеша, асару мақолаҳои Пешвои миллат шаҳрвандони Тоҷикистонро, махсусан, ҷавононро водор мекунанд, ки аз гузаштаи таърих, фарҳанг ва забони модарии хеш огоҳ бошанд ва дар ҳама ҷо бо сари баланд таъриху фарҳанг ва забони хешро чун Пешвои миллат пуштибонӣ намоянд.

Хушбахтона, баъд аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ (22.07.1989) ва Истиқлоли давлатӣ (09.09.1991) забони тоҷикӣ беш аз пеш рушд кард.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи забон аз нигоҳи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо падидаи фарҳангист, балки масъалаи муҳимми сиёсӣ ва давлатист. Бинобар ин, дар ҳалли масъалаи забон, пеш аз ҳама, давлат манфиатдор аст. Зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (22-юми июли соли 1996) Сарвари кишвар изҳор дошта буданд, ки «Забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд».

Забоншиноси равоншод Ғ.Ҷӯраев дар китоби хеш «Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент» чунин овардааст: «Масъалаи забон дар барномаи сиёсати фарҳангии Сарвари давлат ҳанӯз аз соли 1994, аз ибтидои ба маснади Президентӣ интихоб гардидани ӯ мавқеи муҳим пайдо кард. Агар баъзе нуктаҳои ин масъала бори нахуст дар суханронии Пешвои миллат дар рӯзи таҷлили Ҷашни забон (22-юми июли соли 1996) ба таври фишурда матраҳ гардида бошанд, дар мулоқотҳои ҳамасолаи Сарвари давлат бо аҳли зиё ва ҷавонон вусъат ёфтаанд».

Дар муддати начандон зиёд бо имзои Пешвои миллат ҳамчун Президенти кишвар ва Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо фармону қарор ба тасвиб расидаанд, ки ба масъалаи забон бахшида шудаанд. Яке аз он эълони Соли забони тоҷикӣ буд, ки соли 2008 дар саросари кишвар таҷлил гардид.

Қабули Барномаи рушди забони давлатӣ дар солҳои муайян аз шумори он барномаҳоест, ки татбиқи давра ба давраи сиёсати давлатӣ дар бораи забонро аз роҳи таҳияи барномаҳои давраҳои гуногуни омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои дигар дарбар мегирад. Ин барнома метавонад мақоми забони тоҷикиро боз ҳам мустаҳкам намуда, рушди бемайлони онро дар ҳама сатҳҳо ба роҳ монад.

Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар хусуси ғамхориҳои доимии Пешвои миллат нисбат ба забон чунин гуфтаанд: «Ҷаноби олӣ, ба вежа, дар бораи забони модарӣ ва азиздошти он суханҳое гуфтанд, ки банда дар умри дарозам аз ҳеҷ як сарвари Тоҷикистон нашунидаам... Агар Сарвари кишвар нисбат ба забон ва фарҳанг ба чунин ҳақшиносӣ сиёсат пеш бигирад, шак нест, ки аз ҳалли душвортарин масъалаҳои рушди ҷомеаи нави тоҷикон умед метавон кард».

Президенти кишвари маҳбубамон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (04.10.2019) иброз доштанд, ки «... бояд сараввал камбудиву духӯрагиҳои ҷиддие, ки дар қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ислоҳ карда шаванд. Зеро вазъи номуайни қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва возеҳу равшан набудани бисёр бандҳои он боиси баҳсу мунозираҳои нолозим шуда, ба сатҳи саводнокии мардум, махсусан, насли наврасу ҷавон таъсири манфӣ расонида истодааст».

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои устувор мондани забони тоҷикӣ ва эътироф кардани он ҳамчун забони илм пешниҳодҳои зиёде кардаанд. Чунончи: «Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад».

Бо ташаббуси Пешвои миллат Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Ин имкон фароҳам овард, ки таълифи рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм ба роҳ монда шавад. Имрӯзҳо донишмандони мо, аз қабили унвонҷӯён рисолаву асарҳои илмии худро ба забони давлатӣ таълиф мекунанд, ки ин як қадами ҷиддие дар таҳкими забони тоҷикӣ мебошад.

Таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам яке аз далелҳои равшани ғамхории Сарвари давлат дар рушду нумуи забони тоҷикӣ мебошад.

Маҳз хидматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвари маҳбубамон барои рушду такомули забони тоҷикӣ заминаи мусоид ва имкониятҳои фаровон муҳайё гардид. Ҳамин забони тоҷикӣ аст, ки ҳамчун рукни муҳимми давлатдории миллӣ ваҳдату сарҷамъии моро дар саросари кишвар таъмин намуд ва имрӯз ин забон илҳомбахши ҳамешагии мардуми тоҷик буда, бунёдкориву созандагиҳои миллат дар ин забон таҷассум меёбад ва ба оламиён муаррифӣ мегардад.

***Гулрухсор САФАРОВА,***
***омӯзгори МТМУ №66-и ноҳияи Рӯдакӣ***

**ММТ**

# Даври иловагии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ доир мегардад

12 июл танҳо дар марказҳои имтиҳонии шаҳри Душанбе даври иловагии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ) ва қисми Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) барои довталабоне, ки дар даври асосии ИМД иштирок карда натавонистаанд, баргузор мегардад.

Зимни суҳбат котиби матбуоти Маркази миллии тести назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Замира Абдусаломзода иброз дошт, ки муҳлати пешниҳоди ариза барои иштирок ба давраи иловагии ИМД то 9 июл муқаррар гардидааст.

Тибқи «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 тасдиқ гардидааст, довталабе, ки дар даври асосии имтиҳон иштирок карда натавонистанд ва дар даври иловагии имтиҳон иштирок кардан мехоҳад, бояд маблағи иловагии хизматрасониро, ки Маркази миллии тестӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, пардохта, ба марказ ариза пешниҳод намояд.




Дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хизматрасонӣ барои иштирок дар даврии иловагии ИМД чунин муқаррар гардидааст: – довталабони беимтиёз 70 сомонӣ, — довталабони то 21-солае, ки падар ё модарашон вафот кардааст ё дар парастории яке аз онҳоянд ё довталабони маъюби гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм ва «кӯдакони маъюб» – 35 сомонӣ. Барои довталабони ятими кул ва бепарастори то 21 - сола ва маъюби гурӯҳи 1-ум, 2-юм ё «кӯдаки маъюб», ки падар ё модарашон вафот кардааст, ё дар парастории яке аз онҳоянд – ройгон.

Ба довталабоне, ки барои иҷозат гирифтан ҷиҳати иштирок дар даври иловагии имтиҳонҳо ариза пешниҳод мекунанд, тавсия дода мешавад, ки шумораи телефони худро, ки ҳангоми бақайдгирӣ ва ё пешниҳоди ариза муайян кардаанд, фаъол нигоҳ дошта, худ бо телефонҳои дар зер нишондодашуда барои гирифтани маълумоти зарурӣ бо Маркази миллии тестӣ дар тамос шаванд.

***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**13 деҳаи ноҳияи Файзобод бо фарогирии 19717 нафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшиданӣ таъмин карда мешаванд.**

*Парҳез ва истироҳат аз беҳтарин доруҳоянд.*
*Бенҷамин Франклин*



МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

# Паҳнои тарбия: омилҳои рӯҳию равонӣ

**Вазъи коста гардидани сатҳи маънавиёти наврасон дар ҷомеаи имрӯза на танҳо волидайн ва омӯзгорон, балки бахши аъзами қишри ҷомеаро низ ба ташвиш овардааст. Дар ин росто, дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мавзуи илмӣ – фармоишии «Таҳқиқи омилҳои пастшавии маънавиёти наврасон ва роҳҳои педагогии пешгирии он» мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.**

Аслан, иддае аз муҳаққиқони соҳа ба ин назаранд, ки махсусияти пешгирии сатҳи хасташавии маънавиёти наврасонро бояд дар байни хонандагони муассисаҳои таълимии махсус ҷустуҷӯй кард, чун ин фарзия то андозае барои анҷоми таҳқиқот кумак мерасонад. Вобаста ба ин масъала, бо истифода аз маълумоти мавҷуда, дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро, моҳи апрели соли ҷорӣ вазъи таълиму тарбия ва таъминоти иҷтимоии хонандагони мактаб – интернатҳои мақоми ҷумҳуриявидошта дар ноҳияҳои Шаҳринав, Ёвон ва шаҳри Душанбе мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор гирифтанд.

Муҳим будани як масъалаи асосӣ – тартибу низом дар фаъолияти муассисаҳои мазкур воқеан, моро ба андеша водор намуд.

Бо дарназардошти таҳлили омилҳои пастшавии сатҳи маънавиёти наврасон ва пешниҳоди роҳҳои педагогии рафъи нуқсонҳо дар муассисаҳои таълимие, ки зикрашон дар боло рафт, тибқи меъёрҳои тадқиқии психологияи тарбия, аз қавли олими шаҳири илми психология А.С.Виготский, ҳама гуна тарбия ба таври ҳатмӣ ҷанбаи иҷтимоӣ дорад, мавриди омӯзиш қарор гирифт ки дар он бештар ба саволҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир гардид:

- хонандагон падару модар доранд?
- бо кадом сабаб ба ин муассиса ба таълим фаро гирифта шудаанд?

Натиҷаи санҷиш дар мактаб-интернатҳои ноҳияҳои Шаҳринав (255 нафар), Ёвон (197 нафар) ва мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе (43 нафар) дар маҷмуъ, байни 495 нафар таълимгирандаи ятим, нимятим ва аз оилаҳои камбизоат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд. Таҳлилҳои санҷидашуда паҳлӯҳои манфӣ ва мусбати фаъолияти баъзе роҳбарони муассисаҳои мазкурро низ бозгӯ намуд.

Аз санҷиши гузаронидашуда бармеояд, ки тарбия ва таълим, ки аз назари мафҳум тавъаманд, дар ин гурӯҳи тарбиятгирандагон ниҳоят суст роҳандозӣ мешавад, гузашта аз ин, аз волидайн маҳрум будан ва вазъи иҷтимоӣ низ омилҳои дигари пастшавии сатҳи маънавиёти наврасон мегардад ва дар ин росто, таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудан ба ин гурӯҳҳо аҳамияти муҳим дорад.



Маълум аст, ки тарбия аз муҳити иҳоташудаи наврас вобастагии қавӣ дорад. Муҳити мазкурро кӣ ташкил мекунад? Албатта, оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа. Ва дар ин замина, ниҳодҳои зикршуда бояд дар ҳамбастагӣ барои донишазхудкунии таълимгирандагон талош варзанд.

Роҳбарони муассисаҳои мазкурро зарур аст, ки заҳмат ба харҷ дода, рисолати азалии худ - шароити мусоиди тарбиявию таълимӣ ва роҳбариро дар муассисаҳо фароҳам оранд.

Ба андешаи мо, ҳангоми ташкили чунин фаъолият омӯзгоронро зарур аст, ки тадқиқи психологии ҳавасманд кардан ва ташаккули он, ки ин ду тарафи ҳамон раванди тарбияи ҳавасмандгардонии комили (яклухт) шахси хонанда маҳсуб меёбад, дар маркази таваҷҷуҳ ва фаъолияти худ қарор диҳанд.

Дар мисоли муассисаҳои санҷидашуда пешниҳодоти зеринро, ки хоси чунин муассисаҳост, ҷиҳати ислоҳи корҳо дар самти пастшавии сатҳи маънавиёти наврасон зарур медонем:

- бо равоншиносони касбӣ ва ҳуқуқшинос таъмин намудани муассиса. Чун аксари масъалаҳои ҳалталаби чунин муассисаҳо ҷанбаи ҳуқуқӣ доранд;
- дар кулли мактаб-интернат ва мактабҳои махсус аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба ҳайати комиссияи доимоамалкунанда, ки тавонанд муттассил омилҳои пастшавии сатҳи маънавиёти наврасонро дар муассисаи таълими тадқиқу баррасӣ намоянд, бояд фаврӣ таъсис дода шавад.
- комиссияи мазкурро лозим аст, ки бар асоси шароитҳои мавҷудаи муассисаи таълимӣ, қонунмандии ташаккулёбии заминаҳои воқеӣ, ба умқи хонанда ҳамчун шахсият ва субъекти фаъолият расанд, бо мақсади дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва чи тавр ба таҳсил фаро гирифтани хонандагони пассив;
- масъулини муассисаҳои болозикрро зарурат пеш меояд, ки перомуни баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар фаъолияти ҳамешагии худ бо иштироки бевоситаи педагогҳо ва психологҳо нақша-чорабиниҳоро таҳия намоянд.

***Сино ЭГАМБЕРДИЕВ,***
***сардори раёсати илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ***

АФКОР

# Ба нопокзода мабандед умед...

**Ташкилоти терростистию экстремистии наҳзати исломӣ зуҳуроти манфиест, ки бунёдан, афкори тахрибгару зиддиинсонӣ дошта, ҳанӯз аз аввалин лаҳзаи пайдоишаш нифоқ ва нафрату бадбиниро дар байни аъзои ҷомеа мепароканд.**

Чун асли ин ташкилот бар мабнои ҷаҳолату таассубу хурофот бунёд ёфта буд, аз ин рӯ, сарону пайравони он ҷуз афкору ақидаи пӯсидаю бебунёди хеш дигар тарзи бинишу боварро қабул надоштанд. Ҳама гуна дигарандешӣ барои онҳо ғайри қобили қабул ва ғайритаҳаммул буд. Ҳамин тарзи биниш ва ҳамин тарзи тафаккур боиси он гардид, ки нафарони ба дасти онҳо мағзшӯӣ гардида таҳаммулпазириро аз даст дода, фирефтаи суханони ҷаззоб гардида, сараввал ба озору таҳқири мардум пардохтанд. Баъдтар ҳар нафареро, ки ба дидгоҳи онҳо мувофиқ набуд, озору шиканҷа карданд ва ҳатто то ҷисман аз байн мебурданд. Яке аз омилҳои асосии замони ҷанги шаҳрвандӣ ҳамин гуна афкори муғризонаву таҳаммулнопазирӣ будааст.

Ташкилоти террористии наҳзат ҳанӯз аз бомдоди Истиқлоли давлатӣ бо такя ба сармоягузорону хоҷагони хориҷиаш барои ба даст овардани ҳокимият, ба набарди мусаллаҳона даст зад ва кишварро ба майдони ҷанг табдил дод. Ҳокимиятро дар саросари Тоҷикистон фалаҷ намуд ва ҳастии Тоҷикистонро ба ҳайси давлат зери савол бурд.

Агарчи дар соли 1997 ба хотири расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ҷиноёти содирнамудаи пайравони ин ташкилот бахшида шуд, вале онон ҳеҷ гоҳ аз афкори зиддимилливу зиддиинсонии худ дастбардор набуданд. Ҳамин аст, ки онҳо тавассути иддае аз пайравони гумроҳашон, ки бо дастури худи онҳо ба раванди сулҳ ворид нагардида буданд, дар ин ё он гӯшае аз минтақаи кишвар дубора бо ҷиноятҳояшон аз худ дарак медоданд. Чунин ҳолатро метавон дар амалкардҳои Ризвон Садиров, Мулло Абдулло, Абдуллои Бедакӣ ва дигарон дар солҳои гуногун мушоҳида намуд. Кудатои нофарҷоми наҳзатӣ бо дасти намояндаашон Абдуҳалим Назарзода низ гувоҳи ин гуфтаҳо аст.

Пас аз соли 2015 иддае аз роҳбарону масъулони ин ташкилоти ифротӣ ба Аврупо фирор намудаанду солҳо боз ба фаъолиятҳои тавтеапардозии хеш идома медиҳанд.

Дар ҳаводиси ахири рухдодаи Рӯшону Хоруғ нақши палидонаи наҳзат ва саркардагону сармоягузоронашон бармалост.

Роҳбарони наҳзатӣ тавассути ноором сохтани ВМКБ мехостанд воридшавии гурӯҳҳои террористии зиёдеро ба хоки кишвар имконпазир намуда, амалан минтақаи Бадахшони Тоҷикистонро ба мақари террористон ва бархӯрдҳо табдил диҳанд. Онҳо барои ин кор пулу сармояи муайян гирифтаанд.

Хушбахтона, амалкарди сареъи ниҳодҳои давлативу ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии мардуми огоҳу донишпазири минтақа имкон дод, ин тавтеа ва ин нақшаи муғризонаи хоинони миллат барбод дода шавад. Ҳоло ин палидон, ки сабаби марги одамон дар Рӯшону Хоруғ гардиданд, ҷиҳати худсафедкунӣ ҳама айбро ба мақомот ҳавола месозанд.

Наҳзат ҳамеша мояи бадбахтӣ, сарафкандагӣ, нобудӣ, ваҳму дард буду ҳаст. Ин ташкилоти қабоҳату ризолат ҳеҷ гоҳ ва барои ҳеҷ фард саодату хушбахтӣ наовардааст ва оварда ҳам наметавонад, зеро рӯҳияи он хашин, зиддиинсонӣ ва зиддимиллист. Ҷанги шаҳрвандӣ ва куштори зиёда аз 150 ҳазор аҳолӣ ба дасти ин ҷаллодон сурат гирифтааст.

***А. АШӮРОВ,***
***номзади илмҳои сиёсӣ***

ИҚДОМ

# Биржаи озоди ДДД

Дар байни 41 мактаби олии Тоҷикистон нахустин шуда, Донишгоҳи давлатии Данғара биржаи озоди меҳнатро таъсис дода буд. Аз байн 4 сол гузашт. Дар ин миён биржаи мазкур ба чӣ таҳаввулот, тағъйирот ва дастовардҳо муваффақ шуд? Мақсади асосии биржа рушди соҳибкории донишҷӯён ба шумор мерафт. Аз 3 ҳадафи асосии биржа якеаш муҳайёсозии шароит ва боварӣ бахшидан ба қобилият, неруи зеҳнӣ, эҷодӣ муайян намудани роҳ ба сӯи саодатмандӣ дар ҳаёт ҳаст. Дар донишгоҳи мазкур беш аз 76 номгӯи касбу ҳунарро меомӯзанд. Гурӯҳбандии биржаи мазкур дар асоси таҳияи симои зеҳнии иҷтимоии ҳар як донишҷӯ ихтиёрӣ, вобаста ба талабу дархост, мавқеи донишҷӯ дар зиндагӣ, қобилият ва худбаҳогузории ӯ ба сомон расонда шуда, бо истифодаи технологияҳои компютерӣ маълумоти додашударо ба низоми муайян медоранд. Худбаҳогузорӣ бист номгӯй шарт ва маҳаку ченак дорад.

Дар ин муддат қариб 2 ҳазор нафар донишҷӯ чун аъзои комилҳуқуқи биржа ба қайд гирифта шудаанд. Бо роҳи фаҳмондадиҳӣ, суҳбат ва дастурҳои тавсиявӣ онҳо ба корҳои фоиданок сафарбар мешаванд. Масалан, танҳо дар 1 соли охир дар маҷмаии нассоҷии «Ҷунтай – Данғара син сулу текстил» 350 нафар донишҷӯ пас аз машғулиятҳо ба кор ҷалб шуданд. Онҳо моҳе то 1200 – 1300 сомонӣ маош мегирифтанд. Бо ин маблағҳо на танҳо пули шартномаашонро сари вақт пардохт мекарданд, балки барои сару либос, ашёи хониш, сарфи хӯрок низ масраф менамуданд. Қисми дигари донишҷӯён дар саҳро, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла, «Хуросон - Модар», «Сомонҷон», қисми дигар дар иҷрои корҳои дару тирезасозии пластикӣ арақи ҷабин рехта, ба меҳнат дил мебанданд.

- Акнун аъзои биржаи мо, - гуфт ҳангоми суҳбат сардори он саромӯзгор Фахриддин Ҷорӯбов, аз хона, аз волидон 10 сомонӣ ҳадя намеоранду баръакс, ба онҳо аз кори кардаашон ҳадя мебаранд. Ҳатто баъзе донишҷӯён бо ин тарзи кор соҳиби хонаю дар ва мошин шуданд.

***Нурулло ҲАСАНОВ,***
***рӯзноманигор***

**Дар Бадахшон қуллаҳои Маяковский ва Октябрский расман ба исми шоирон Мирсаид Миршакар ва Муъмин Қаноат номгузорӣ шуданд.**

Оне, ки мегӯяд пул ҳама корро мекунад, ҷо дорад, ки худ низ барои пул ҳама корро бикунад.
Бенҷамин Франклин



НИГАРОНӢ

# Оё омӯзгорони ҷавон аз имтиёзот бархӯрдоранд?

***Бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006, №197 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул карда шуд.***

Дар баробари ин, бо мақсади ҷалби ҷавонон ба фаъолияти омӯзгорӣ, таъмини таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бо кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии омӯзгорони ҷавон 2 июли соли 2015, №433 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд» қабул карда шуд, ки тибқи он ба омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд ба як воҳиди корӣ (1 ставка) дар се соли аввали фаъолият иловапулӣ ба андозаи 10 фоиз пардохт карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи банди 1, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» барои се соли аввали фаъолияти омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд имтиёзҳои зерин муайян кард ашудааст:

- бе навбат ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ;
- додани қарзҳои имтиёзнок барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё бунёди 20 оилаи занбӯри асал.

Бояд таъкид кард, ки дар ин замина «Тартиби пешниҳоди қарзи имтиёзнок барои омӯзгорони ҷавон» аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Вазорати молия ва Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк» омода карда шудаст.

Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумии гуногун кор мекунанд, дар ҳаҷми то 6000 (шаш ҳазор) сомонӣ ба таври нақдӣ ва ғайринақдӣ бо меъёри 3 фоизи солона дода мешавад. Қарзи имтиёзнок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба воситаи шуъбаву бахшҳои Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк» пешниҳод карда мешавад.

Ҷиҳати дастрасӣ пайдо намудани омӯзгорони ҷавон ба қарзи имтиёзнок, ҳамасола аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар рӯйхати зиёди омӯзгорони ҷавон ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешавад.

Дар вилояти Хатлон тайи се соли охир ба 376 омӯзгори ҷавон ба маблағи умумии 2 миллиону 256 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо шудааст. Аз ин ҳисоб, дар вилоят дар соли 2018 ба 141 нафар, дар соли 2020 ба 124 нафар ва дар соли 2021 ба 333 нафар омӯзгори ҷавон қарзи имтиёзнок пешбинӣ карда шудааст.

Дар вилояти Суғд бошад, дар се соли охир барои 200 омӯзгори ҷавон ба маблағи умумии 1 миллиону 200 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок пешбинӣ карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар дар микёси вилоят дар соли 2018 ба 62 мутахассиси ҷавон қарзи имтиёзнок пешбинӣ шуда бошад, пас, ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 73 нафар расидааст.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 2018-2021 барои 154 мутахассиси ҷавон дар умум, 924 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки аз ин ҳисоб 37 нафар дар соли 2014, 58 нафар дар соли 2020 ва 59 нафар дар соли 2021 аз ин имтиёз бархӯрдор гардидаанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои 250 мутахассиси ҷавон 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок пешбинӣ гар-



дида, тариқи филиалҳои Бонки давлатии амонатгузорӣ “Амонатбонк” пардохт карда шудааст, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 93 нафар дар соли 2020 ба 64 нафар ва дар соли 2021 ба 93 нафар омӯзгори ҷавон рост меояд.

Бояд қайд кард, ки тибқи банди 6 «Тартиби пешниҳоди қарзи имтиёзнок барои омӯзгорони ҷавон», дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби кормандони мақомоти маориф, молия, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Бонки давлатии амонатгузорӣ “Амонатбонк” оид ба дида баромадани аризаи омӯзгорони ҷавон барои гирифтани қарз комиссияҳо бояд ташкил шуда, номзадҳо аз ҷониби ин комиссияҳо бо нишон додани ному насаб, санаи таваллуди омӯзгор, ихтисос ва соли хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, рақами муассисаи таълимӣ, фанне, ки омӯзгор таълим медиҳад ва собиқаи кори онҳо пешниҳод карда мешаванд.

Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҷониби аксарияти раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар комиссияи мазкур таъсис дода нашудааст ва талаботи банди мазкур дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ риоя карда намешавад.

Дар баробари ин, аз суҳбат бо омӯзгорони ҷавон маълум мегардад, ки аксари онҳо аз мавҷуд будани чунин имтиёз огоҳ нестанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар аз мавҷуд будани чунин имтиёз бохабар ҳастанд ва дар навбати худ омӯзгорони ҷавони муассисае, ки роҳбарии онро бар дӯш доранд, омӯзгоронро барои гирифтани қарзи имтиёзнок пешниҳод карда наметавонанд.

Аз таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар тибқи талабот ба роҳ монда нашуда, омӯзгорони ҷавоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба касби пурифтихори омӯзгорӣ машғуланд, сари вақт бо имтиёзоти пешниҳодгардида таъмин шудаанд.

Аз ин рӯ, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳоро лозим аст, ки ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» чораҳои амалӣ андешида, дар асоси «Тартиби пешниҳоди қарзи имтиёзнок барои омӯзгорони ҷавон» рӯйхати гирандагони қарзи имтиёзнокро ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд

Дар баробари ин, бо мақсади ҷалби ҷавонон ба фаъолияти омӯзгорӣ, таъмини таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бо кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии омӯзгорони ҷавон 2 июли соли 2015, №433 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд» қабул карда шуд, тибқи он ба омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд ба як воҳиди корӣ (1 ставка) дар се соли аввали фаъолият иловапулӣ ба андозаи 10 фоиз пардохт карда мешавад.

***Хайём ТӮРАХОНОВ,***
***сармутахассиси раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

НИЗОМ

# Иҷрои қонунҳо назорат мехоҳад

**Мусоҳиба бо сардори раёсати баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири адлияи дараҷаи якум Ғаюрзода Шуҳратулло Кароматулло**

***– Моҳи марти соли 2022 санҷиши ғайринақшавии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Хоҳишмандем, ки дар бораи зарурати гузаронидани санҷиши мазкур ва натиҷаҳои он маълумот медодед.***

– Саравввал бояд зикр кард, ки мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, вазоратҳо дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд. Яъне, ҳар вазорат дар доираи салоҳияти худ, ки дар қонунгузории соҳавӣ муқаррар шудааст, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро пеш мебарад. Ин фаъолият асосан аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта, ки муносибатҳои ҷамъиятии муайяни соҳаро ба танзим медароранд, иборат аст. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузор дар қонунгузории соҳавӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятиро бо тариқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар кардааст ва қабули ин санадҳо вазифаи мақоми ваколатдори давлатии муайян мебошад. Аз ин ҷост, ки қабул нагардидани санади меъёрии ҳуқуқии муқарраршуда соҳаи муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ бенизом ва барои ба миён омадани омилҳои халалдоркунандаи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд замина мегардад. Ҳамингуна ҳолати нораво метавонад замоне рух диҳад, ки мақомоти давлатӣ берун аз ваколати бо қонунгузорӣ муқарраршуда бо қабули санади меъёрии ҳуқуқии беасос муносибати ҷамъиятиеро ба танзим дароранд.

***- Маҳз санҷиши ҳамин гуна ҳолатҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ яке аз вазифаҳои Вазорати адлия мебошад.***

9-11 марти соли 2022 дар асоси муқаррароти моддаҳои 15 ва 91 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2022, №10 санҷиши ғайринақшавии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №195 «Дар бораи тасдиқи Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 1 августи соли 2006, №359 «Дар бораи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ» гузаронида шуд.

Санҷиш муайян сохт, ки 17 санади меъёрии ҳуқуқии бо қонунгузории соҳавӣ муқарраршуда аз ҷониби Вазорати маориф ва илм таҳия ва қабул карда нашудааст. 2 санади меъёрии ҳуқуқӣ бе асоси қонунӣ қабул карда шуда, бе санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ дар Вазорати адлия ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шудааст. Ва яке аз ин ду санади зикршуда фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 дар бораи тасдиқи Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф мебошад.

***– Хоҳишмандем дар бораи бекор кардани Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 тасдиқ шудааст, маълумоти муфассал диҳед.***

– Тавре ки дар боло қайд кардем, дар натиҷаи санҷиши ғайринақшавии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 дар бораи тасдиқи Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф мавриди таваҷҷуҳи гурӯҳи корӣ қарор гирифт.

Муайян карда шуд, ки санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бе асоси қонунӣ таҳия ва қабул карда шуда, бе риояи талаботи қонунгузорӣ ҷиҳати санҷиш, бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шудааст.

Инчунин, муайян карда шуд, ки санади мазкур барои кормандони соҳа як қатор маҳдудият ва шартҳои заминаи қонунӣ надоштаро эҷод кардааст.

Бинобар ин, дар санади санҷишӣ аз Вазорати маориф ва илм талаб карда шуд, ки фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 дар бораи тасдиқи Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф бо ваҷҳ ва асосҳои зикршуда бекор карда шавад.

Дар натиҷа бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2022, №412 фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 дар бораи тасдиқи Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф бекор карда шуд.

***– Мехостем, ки вобаста ба натиҷаи санҷиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли мушаххас маълумот медодед.***

– Моҳияти санҷиши мазкур як намуд роҳнамоӣ ва мусоидат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, Вазорати маориф ва илм мебошад, ки дар натиҷаи он камбудиҳо ошкор гардида, роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа вобаста ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори танзимкунандаи фаъолияти бенуқсон нишон дода шуданд.

Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки айни замон омӯзгорони ботаҷриба дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо расидан ба синни нафақа ба нафақа гусел карда мешаванд ва дар сафи онҳо муаллимоне ҳастанд, ки хоҳиш ва имкони ҷисмонии идома додани фаъолияти касбиро доранд. Ва яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ҳамин аст. Бо бекор гардидани фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №6613 дар бораи тасдиқи Тартиби ба нафақа гусел намудани кормандони соҳаи маориф монеаи сунъӣ дар ин муносибатҳо бартараф карда шуд ва имрӯз ҳар омӯзгори нафақагир тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» метавонад аз тариқи қарордоди меҳнатӣ фаъолияти касбиро бо нигоҳ доштани нафақапулӣ идома диҳад.

***Мусоҳиб Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***“Омӯзгор”***

Дар Тоҷикистон «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ барои давраи то соли 2040» қабул гардид.

МЕҲРНОМА

# Баракати вақт

## *(Зикре чанд дар ҳошияи китоби «Пайванди илму адаб»)*

Воқеан ҳам, хушбахту саодатманд аст ҳар фарде, ки дар борааш ашхоси маъруф, дӯстону ҳампешагон… ин қадар бо меҳру муҳаббат, бо ихлосу эътиқод ва бо сипосмандӣ сухан мегӯянд ва дар тавсифи ҳунару одамияташ аз волотарин ибораву ифодаҳо бо камоли саховат истифода мебаранд. Китоби «Пайванди илму адаб»-ро, ки аз рӯзгорони файзрези олим ва адиби мумтоз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ҳикоят мекунад, варақ зада, ман ба хулосаи боло расидам ва низ андешидам, ки ин китоб метавонад як навъ дастуре бошад, ба вижа, барои ҷавонон ҷиҳати он, ки чӣ гуна ба манфиати илму адаб, ба манфиати  ҷомеа ва халқу миллат бояд зисту амал кард. Доираи фаъолияти Алии Хуросонӣ, дар ҳақиқат, густурдаву фарогир аст; муҳаққиқи адабиёти классикию муосир, матншинос, шоир, мураттибу таҳиягар, ходими ҷамъиятӣ… Дар китоби мазкур, ки ҳама муаллифонаш шахсиятҳои шинохтаву маъруфанд, яке Алии Хуросониро «номбардори баруманди гузаштагони сарбаланди хеш» номидаасту дигаре «фарзанди шоистаи диёри адабхези Рӯдакӣ» хондааст, сеюмӣ «равшанзамире дар хидмати тамаддуни ориёӣ» донистаасту чаҳорумӣ «вассофи дӯстиву соҳиби фитрати олӣ» гуфтааст. Ва боз дигар тавсифу ситоишҳои меҳрбору барҳақ ва арзи сипосу таманниёти нек китобро ғариқи меҳру сидқу шукрона карда.

Китоби «Пайванди илму адаб»-ро донишмандон Мубашшир Акбарзод ва Шаҳноза Муҳаммадиева мураттаб кардаанд ва он аслан баргузидаест аз эътиқодномаҳои ашхоси номвар дар бораи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, зеро мо дар ҳозиру ғоибаш аз забони аҳли илму адаб, ҳаводорони каломи бадеъ ва алоқамандони соҳаи маориф, ба вижа, перомуни эҷодиёту фаъолияти таҳиягарии ин олими маъруф суханони зиёде шунидаему нисбат ба ӯ ҳисси ифтихор афзудаем. Боре омӯзгоре аз ноҳияи Восеъ, ки меҳмони ҳафтаномаи «Омӯзгор» шуда буд, бо сипосмандӣ (сухан аз адабиёти иловаю мададгор дар дарсҳои адабиёт мерафт) иброз дошт:

- Китоби «Шоирони Мовароуннаҳр» (Аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ), ки фароҳамоварӣ ва таҳияву тадвини он кори олими тавоно Алии Муҳаммадист, дар машғулиятҳои ман бо шогирдон ҳамеша дар паҳлуи китоби дарсӣ меистад. Зимни омодагӣ ба ҳар як дарсам ман аз ин китоб, ки ба назарам, як навъ замимаест ба қаҳрамонкитоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ, васеъ истифода мебарам. Шеърҳои зиёди ин китобро шогирдонам азёд медонанд. Устод Хуросонӣ аз эҷодиёти шоирони зиёди ҳудуди Мовароуннаҳр, ки зодбуми аслии ориёиҳост, намунаҳои хеле хубу барҷастаро баргузидааст, ки ин, аз сари инсоф бояд гуфт, ки саҳл коре нест. Мо хуб эҳсос мекунем, ки барои ин олим шабзиндадориҳо кардаву китобҳои фаровонеро варақ задаву сари ҳар шеър соатҳо ба андеша рафтааст. Ман устод Хуросониро, мутаассифона, намешиносам, вале шумо – кормандони «Омӯзгор», албатта, ӯро мешиносед, чун рӯзе дучор омадед, салому сипоси моро ба устод расонед.

Бори дигар омӯзгоре аз шаҳри Ҳисор меҳмони мо буд. Сухан аз ҳамкорию ҳамбастагии олимон бо аҳли таълиму тарбия ба миён




омад. Меҳмони мо аз ин боб хеле огаҳмандона ҳарф зад ва аз чанд олими маъруфи тоҷик ёдовар шуда, дар бораи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ бештар сухан гуфт:

- Ман медонам, ки ин донишмандамон аз таҳиягарони соҳибтаҷрибаю дақиқкори адабиёти классикии тоҷик аст. Аз ҷумла, осори Рӯдакию Низомӣ , Ҷалолуддини Балхию Фаридуддини Аттор, Ҷомию Саййидо ва Иқболи Лоҳуриро мо дар таҳияву пешниҳоди устод Алии Хуросонӣ мутолиа кардаем. Устод аз таҳиягарони китоби панҷҷилдаи «Гулшани адаб» аст ва ин китоб даҳсолаҳост, ки ба мо, омӯзгорони забону адабиёти тоҷик, хизмати барҷаста мекунад. Ман қотеъона метавонам бигӯям, ки дар комёбиҳои мо – омӯзгорон нақши китобҳои устод хеле чашмгир аст. Устод ғоибона бошад ҳам, бо нигоштаҳои судмандаш ҳамеша дар канори мо, дар дарсҳои мо, дар маҳфилҳои мо ҳузур дорад…

Ростӣ, кас хеле болидарӯҳу хушҳол мешавад, чун дар бораи як олими тоҷик ин қадар суханони неку самимӣ мешунавад. Албатта, мо ҳам дар навбати худ сухане чанд ба гуфтаҳои ин гуна омӯзгорони пурмутолиаву густурданазар замима мекунем. Мегӯем, ки устод Алии Хуросонӣ дар радифи маҳсулмандтарин олимони кишвар қарор дораду хориҷ аз ҷумҳуриамон низ ҳамчун муҳаққиқи тозакору матншиноси варзида шинохта шудаасту комёбиҳои илми тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ тавассути суханрониҳои муҳтавомандаш борҳо бо камоли ифтихору масъулият муаррифӣ кардааст. Беш аз чаҳорсад мақолаи илмӣ, наздик ба сад китоб ва чандин рисола маҳсули қалами устоданд. Ӯ аз шогирдони содиқу шоистаи олими маъруф Аълохони Афсаҳзод буда, ифтихори ҳамкорию ҳамсуҳбатӣ бо донишмандони шуҳратёр Иржи Бечка, Зоҳир Аҳрорӣ, Расул Ҳодизода, Шарофиддин Рустамов, Муҳаммадҷон Шакурӣ… насибаш гаштааст ва низ бо адибони номвар Кӯҳзод, Муъмин Қаноат, Лоиқ, Убайд Раҷаб… дар маҳфилҳои зиёде ширкат варзидааст ва албатта, аз «камоли ҳамнишинон» баҳрабардорӣ кардааст. Пажуҳишҳои устод Алии Хуросонӣ саҳеҳу жарфназаронаанд, ҳамеша аз навгоние паём мерасонанд, забони пуробурангу фаҳмрас доранд. Аз муғлақбаёниву печидагуфторӣ ва корбасти вожаву ибораву ифодаҳои номафҳуму сактапеч ҳамеша қалам канор мегирад устод ва ба ононе, ки илмро бо забони мураккаб даромехтанӣ мешаванд, ошкоро эътироз баён мекунад. Воқеан, устод муҳаббати самимӣ ба забони тоҷикӣ дорад ва ҳамвора бар он мекӯшад, ки ҳамчун олим барои афзудани тавонмандии ин забон дар соҳаи илм ҳиссагузор бошад ва дар ин ҷода комёб ҳам гаштааст.

Дар таърихи илми халқи тоҷик анъанаҳои ҷолибе ҳастанд, ки на ба ҳар халқе хостанд. Як анъанаи адабии ин халқи тамаддунпарвар ба эҷоди бадеӣ гаравидани иддае аз олимони варзида аст, он гуна ки Ибни Синову Умари Хайём кашфи баландтарин қуллаҳои илм карда, гоҳе ба эҷоди шеър пардохтаанд. Дар пайравӣ ба ниёгони баруманди хеш Алии Хуросонӣ фориғ аз пажуҳишу тадвини назми классикию муосири тоҷик ва навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ ба эҷоди шеър низ камар баставу дар ин арса низ шарафёб гардидааст, ки ба ин китобҳои ашъораш «Чашмаи нӯш», «Майи гулгун», «Вусъати ишқ», «Шукуфаҳои сабзи баҳор», «Номбардори падар», «Садои вақт»… гувоҳанд. Устод Хуросонӣ хеле равону самимӣ, боз ҳам бо забони фасеҳу пуробуранг шеър мегӯяд ва нигоштаҳояш дилчаспу лутфомезанд. Дар ашъораш мавзуъҳои ватандӯстӣ, рафоқат, ишқи пок, ифтихори миллӣ… бартарӣ доранд. Дар китоби «Пайванди илму адаб» чун муште аз хирвор ҳафтод ғазали устод ба хонандагон пешкаш шудааст, ки ҳама хушлаҳну боҳунаронаанду зуд ҷой дар дилҳо дармеёбанд.

Инак, чанд байт барчида аз ғазалиёти устод:

*Пойи моро ҳавасу ҳавсалаи ҳар ҷо нест,*
*Хоса он ҷо, ки яқин равшание пайдо нест.*

***

*Мавҷе ба мавҷе мезанад: - Дар зиндагӣ ҳушёр бош,*
*Ҳар як нафас, ҳар як қадам дар раҳи худ бедор бош!*

***

*Чӣ нозӣ бо гузашта, ай багафлатмондаи имрӯз,*
*Биё, к-имрӯзро созему бар фардо намоёнем!*

***

*Ганҷу дороӣ , Хуросонӣ, кафе хоки раҳ аст,*
*Мурдаи мо зинда монад зери девори сухан!*

Устод Алии Муҳаммадии Хуросонӣ солиёни зиёдест, ки дар Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пурсамар ва сарбаландона кор кардааст ва ҳоло ин институт Маркази мероси хаттии АМИТ ном гирифтаасту ӯ дар ин марказ панҷ сол боз дар вазифаи мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттӣ фаъолият дорад. Илова бар ин, иҷрои вазифаҳои ҷамъиятии зиёдеро ба зиммаи устод вогузоштаанд. Ва ӯ ба ҳама кор вақт мееёбад, зеро ҳамеша дар ҳаракат, дар такопӯву ҷустуҷӯст. Дар иртибот ба фаъолияти самаррезу фарогири ӯ метавон ибораи «баракати вақт»-ро амиқу саҳеҳу боварибахш тафсир бахшид.

***Абдурауф МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

ТОЗАҲОИ НАШР

# «Султони кинои тоҷик»

Саҳми арбоби намоёни давлатӣ ва илму фарҳанги ҷумҳурӣ Султон Мирзошоев дар пешрафт ва тараққиёти хоҷагии халқи мамлакат басо чашмрас аст. Мавсуф тӯли умри бобаракати хеш (84 сол) дар вазифаҳои пурмасъулият, аз ҷумла, котиби якуми Кумитаи Марказии комсомоли Тоҷикистон, раиси Кумитаи давлатии кинематографияи Тоҷикистон, намояндаи доимии Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон, вазири фарҳанги Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Сарвари кишвар ва ғайра фаъолият намуда, дар рушди мамлакат нақши шоиставу мондагор гузоштааст.




Вай ҳамчун адиб ва публитсист як қатор асарҳо низ эҷод кардааст. Асарҳои «Борис Кимёгаров», «Роҳи кинои тоҷик», «Арзи дил», «Дуои сари роҳ», «Ҷонфидо» (бо Карим Давлат), «Меъмори Ваҳдат», «Миротворетс» (бо Шодон Ҳаниф), «Бозгашти хотирот», «Благословление на пути дороги», «Дар пайванди ду аср», «Сталин, Черчилл, Рузвелт ва Ҷанги дуюми ҷаҳон» аз ҳамин қабиланд. Ӯ соли 2016 ин дунёро падруд гуфт.

Ба қарибӣ дар арафаи ҷашни 90 – солагии С. Мирзошоев адиб ва публитсисти шинохтаи тоҷик Умари Шерхон тавассути нашриёти «Шарқи озод» асареро таҳти унвони «Султони кинои тоҷик» нашр намуд. Он як навъ очерки шарҳиҳолӣ буда, бо пешгуфтори номзади илми санъатшиносӣ Муҳаммадулло Табарӣ оғоз ёфтааст. Дар навиштаҳои муаллифи китоб қариб тамоми паҳлуҳои рӯзгор ва осори ин марди фидоӣ инъикос ёфта, хизматҳои босазояш дар равнақи илму фарҳанг, адабу санъати тоҷик инъикос ёфтааст.

Қисми «Библиографияи Султон Мирзошоев» низ ҷолиб буда, муҳаққиқон метавонанд ҳамчун манбаи муътамад аз он дар навиштаҳояшон истифода баранд. Китоб барои оммаи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

# Шумораи нави «Кино»




Кино аз воситаҳои муҳимтарини санъат ба шумор меравад. Тӯли фаъолияти бештар аз 90 – солаи худ «Тоҷикфилм» барои дӯстдорони худ кинофилмҳои зиёде ба навор бардоштаву пешкаши мухлисон гардонид, ки шуҳрати ҷумҳурӣ ва ҳам муассисаро баланд бардошт. То ҳанӯз филмҳои «Рустам ва Сухроб», «Достони Рустам», «Коваи оҳангар», «Қисмати шоир», «Ҳеҷбудагон ҳар кӣ шуданд», «Ҳасани аробакаш» ва даҳҳои дигар аз ҷумлаи дӯстдоштатарин филмҳои мардум ба ҳисоб мераванд. Як қисми онҳо дар фестивалу киноҷашнвораҳои берун аз ҷумҳурӣ низ ширкат варзида, соҳибҷоиза гардиданд.

Инак, шумораи навбатии маҷаллаи «Кино» (№3) – нашрияи расмии МД «Тоҷикфилм» аз чоп баромад. Он бо сарсухани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Кино чун рукни фарҳанги ҷамъият муҳимтарин воситаи таблиғу оммавӣ намудан, густариш додани идеологияи давлатӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад, ки ягон навъи дигари санъат онро иваз карда наметавонад» шуруъ гардида, матолиби зиёди дигареро оид ба рӯзгор ва фаъолияти густурдаи як қатор ҳунарпешагони соҳаи театру кино дарбар гирифтааст. Аз ҷумла, навиштаҳои М. Исҳоқова, М. Табарӣ, З. Бурҳонова, И. Чижикова ва дигарон аз рӯзгор ва фаъолияти эҷодиву ҳунарии ҳунарпешаҳои шинохтаи театру кино - Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Комил Ёрматов, Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Сайрам Исоева, Убайдулло Раҷабов, Аловиддин Абдуллоев қисса мекунад.

Чанд навиштаи дигар низ  аз таърихи филмбардорӣ ва ташаккули ин навъи санъат дар ҷумҳурӣ, мавзуъҳои филмҳои ба намоиш гузошташуда, иштироки ҳунармандони тоҷик дар кинофестивали шаҳри Минск ва Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон  ба дӯстдорони ин соҳа иттилоъ додааст.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Тоҷикистон нақша дорад, ки ҳамасола 100 000 ҷойи корӣ таъсис диҳад.**

*Барвақт хуфтану барвақт хестан корест, ки касро тандурусту сарватманду доно мекунад.*
*Бенҷамин Франклин*

«Омӯзгор» № 27, 7 июли соли 2022

ОЛИМОНИ МО

# Инсони комил ва олими барҷаста

***Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Толиб Набиев дар давоми зиёда аз 52 соли фаъолияти худ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои инкишофу пешбурди илми кишоварзӣ, муҷтамеи агросаноатӣ, тайёр намудани мутахассисони баландпоя ва олимони ҷавон саҳми арзанда гузоштааст.***

Мавсуф соли 1996 дар Академияи кишоварзии шаҳри Москва рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Ӯ соли 1998 соҳиби унвони профессорӣ, соли 2005 академики Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007 академики Академияи илмҳои кишоварзии Федератсияи Россия ва соли 2008 академики Академияи байналмиллалии мактабҳои олӣ гардидааст.

Номгӯи тадқиқоти илмии ӯ зиёд буда, дар маҷмуъ, беш аз 300 асару мақолаи илмию таълимӣ, аз ҷумла, 11 китоби дарсӣ, 9 монография, 14 тавсиянома ва 25 дастури методиро дар бар мегирад.

Комёбиҳои Толиб Набиев дар соҳаи тадқиқоти кишоварзӣ на танҳо дар қаламрави Тоҷикистон, балки дар доираҳои бонуфузи илмии кишварҳои хориҷӣ мавриди эътироф қарор гирифтааст. Ӯ дар конференсияҳои байналмиллалӣ дар кишварҳои Ҳиндустон, Хитой, Миср, ИМА, Япония, Шветсия, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Турк-манистон бо гузоришҳои илмӣ маърӯза намуда, дастовардҳои илмии Тоҷикистонро пешниҳоди ҷаҳониён гардонидааст.

Заҳматҳои илмӣ ва тадқиқотии Толиб Набиев марҳилаи наверо дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, хусусан, бахши растанипарварӣ оғоз ниҳод. Толиб Набиев ҳамеша фаъолияти роҳбариву ташкилотчигиро тавъам бо кори тадқиқоти илмӣ пеш мебурд. Азму талоши ӯ дар ҷодаи таҳқиқ ончунон пурсамару боровар ва арзишманд буд, ки натиҷаи заҳматҳои бисёрсола ва санҷидакоронааш боиси таҳия гардидани якчанд усули нави парвариши зироатҳои лӯбиёдонагӣ, бахусус, лӯбиёи чинӣ, мош ва чормағзи заминӣ ва ҳосилнокии баланди онҳо гардид. Ҷанбаи муҳими фарққунандаи тадқиқоти анҷомдодаи Толиб Набиев дар омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агротехникаи парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво, техникӣ ва махсусан, лӯбиёдонагиҳо бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланди онҳо, таъминот бо сафеда ва равған, илова ба ин, ғанигардонии таркиби хок бо нитрогени биологӣ ва ҳосилхез гардонидании заминҳои кишоварзӣ ба шумор меравад, ки натиҷаҳои бадастовардааш дар истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва берун аз он татбиқи худро ёфтанд.

Толиб Набиев дар оғози даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати муайян намудан ва пешбурди муваффақонаи равияҳои тадқиқотии зарурӣ, инчунин, мушаххас сохтани самтҳои илмии афзалиятдор саҳм гузошта, дар интихоб, дастгирӣ ва рушду такомули кадрҳои миллии умедбахш ва ояндадор масъулияти баланди касбӣ ва устодӣ нишон додааст. Чунин иқдом ва ташаббускорӣ аз як нигоҳ аҳамияти хоси таърихиву ҷамъиятӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, намунаи волои ҷавонмардӣ, миллатдӯстӣ ва ҳимматбаландист, ки кам касон ёфт мешаванд, ки чунин ҷуръат, ирода ва тасмимгирии қотеъона дошта бошанд.

Зери роҳбарии ӯ тадқиқотҳои илмӣ оид ба селексия, тухмипарварӣ, таҳия намудани усулҳои парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, лӯбиёдонагӣ, техникӣ, хӯроки чорво дар



шароитҳои заминҳои обӣ ва лалмии минтақаҳои водии Ҳисор, вилоятҳои Хатлону Суғд гузаронида шудааст, ки дар доираи пайванди илм бо истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор дорад.

Профессор Толиб Набиев муаллифи навъҳои гандуми «Садоқат» ва «Ориён» дар ҷумҳурӣ мебошад. Зери роҳбарии ӯ 3 нафар рисолаи докторӣ, 9 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд. Ҳоло роҳбарии 2 докторант, 2 аспирант ва 1 унвонҷӯйро ба уҳда дорад.

Китобҳои дарсии ӯ «Растанипарварӣ», «Асосҳои агрономӣ», «Зироатпарварӣ», «Асосҳои тухмишиносӣ», «Зироатҳои лубиёдонагӣ» ва «Растанипарварӣ бо асосҳои тухмишиносӣ» китобҳои рӯимизии донишҷӯёни равияи биологии донишгоҳу донишкадаҳо ва мутахассисону кишоварзони ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Ӯ зиёда аз 15 сол (тайи солҳои 1990-2002 ва 2015-2017) ба ҳайси роҳбари яке аз факултетҳои бонуфузи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур - факултети агрономӣ фаъолият намудааст.

Тӯли фаъолияташ дар ҳокимияти қонунгузор (солҳои 2002-2005) ӯ чун намояндаи фаъолу соҳибтаҷриба ва ҳамчун аъзои Кумитаи аграрии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва қабули қонуну қарорҳое, ки барои пешравии ҷумҳуриамон мусоидат менамояд, азму талош намудааст. Заҳматқаринӣ, равшанзамирӣ ва ҷидду ҷаҳди ободгароёнаи ӯро ба инобат гирифта, соли 2005 баъди ба охир расидани фаъолияти намояндагиаш дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯро президенти Академияи илмҳои кишоварзӣ таъйин намуданд.

Акнун ӯ дар арсаи масъулиятталаб иродатмандиву ватандӯстии худро ба исбот расонид. Ба зӯри ақлу таҷрибаи худу аҳли ҳамкоронаш такя намуд. Ва рӯзи муродро наздик сохт.

Бо ташаббуси ӯ ҳангоми дар вазифаи президенти Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуданаш «Институти тадқиқоти илмии ҳимояи растаниҳо», «Маркази ҷумҳуриявии миллии захираҳои генетикии зироатҳои кишоварзӣ», «Маркази илмии академия дар вилояти Хатлон» ва «Такягоҳи Институти тадқиқоти илмии оқсил дар вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ» таъсис дода шуданд.

Солҳои тӯлони ӯ сармуҳаррири маҷаллаи илмии Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, узви Кумитаи Ҷоизаҳои Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино дар соҳаи илм ва техника, раиси бахши биология, тиб ва кишоварзии кумитаи мазкур, узви комиссия оид ба Ҷоизаи ба номи академик Е. Н. Павловский ва раиси Шӯрои диссертатсионии дифои рисолаҳои доктории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур буда, дар айни замон аъзои ҳайати мушовараи таҳририи маҷаллаи илмии «Гузоришҳои АИКТ», «Кишоварзӣ ДАТ» ва аъзои шурои диссертатсионии рисолаҳои докторӣ ва доктор PhD Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур мебошад.

Аз ҷониби давлату ҳукумат заҳматҳои чандинсолаи Толиб Набиев ба таври арзанда қадршиносӣ шуда, шарафёби чандин ҷоизаву унвон, нишону орден ва дигар арҷгузориҳои муътабар гардидааст. Ӯ бо ордени «Дӯстӣ» (2001), «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021), медали ҷашнии «15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» (2007), нишони «Аълочии маорифи халқи ИҶШС» (1991), «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2018), «Медали тиллоии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон» (2018), медали ҷашнии «90-солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон» (2021), «Дипломи АИКҶТ» (2021) ва чандин сипосномаю ифтихорномаи вазоратҳои кишоварзӣ ва маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

***Усмон МАҲМАДЁРЗОДА,***
***доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, узви вобастаи АИКТ,***
***Рӯзимурод БОЙМУРОДОВ,***
***номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент***

ХАБАРҲО АЗ БАДАХШОН

## Арҷгузорӣ ба адибони тоҷик

***Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 30-юми июни соли 2022 қарор дар бораи номгузорӣ кардани қуллаи Маяковский ба номи Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар ва қуллаи Октябрский ба номи Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноатро қарор қабул кард.***

Ин иқдоми арзанда бо дарназардошти тавсияи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди ходимони Институти илмҳои гуманитарии АМИТ ба номи академик Баҳодур Искандаров амалӣ гардид.

Ҳамзамон, иҷлосия қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мурғобро «Дар бораи иваз намудани муассисаи томактабии «Бадалик»-и деҳаи Каракули Ҷамоати деҳоти Каракул ба «Нур», «Дар бораи иваз намудани боғчаи кӯдаконаи «Жеткинчек»-и деҳаи Конакургани Ҷамоати деҳоти ба номи Гожо Бердибоев ба «Субҳи нур», «Дар бораи иваз намудани боғчаи кӯдаконаи «Акталёк»-и деҳаи Тохтамиши Ҷамоати деҳоти Қизилработ ба «Равшан», «Дар бораи иваз намудани боғчаи кӯдаконаи «Наристе»-и деҳаи Каракули Ҷамоати деҳоти Қизилработ ба «Садбарг», «Дар бораи иваз намудани боғчаи кӯдаконаи «Келечек»-и деҳаи Аличури Ҷамоати деҳоти Аличур ба «Оянда» қарори дахлдор қабул намуд.

Чанде пеш иҷлосияи маҷлиси вакилони халқи шаҳри Хоруғ қарор дар бораи номгузорӣ кардани кӯчаи А.Аёмбековро ба номи Шоири халқии Тоҷикистон, зиндаёд Ширин Бунёд қабул кард.

## Барои атфоли имкониятащон маҳдуд

Бо иштироки муовини вазири ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмзода Зарифа дар маркази ноҳияи Мурғоб, дар вазъияти тантанавӣ Маркази будубоши рӯзонаи кӯдакони имкониятащон маҳдуд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Минбаъд атфоли имконияти маҳдуд бо волидон фаъолияти рангини рӯзонаи худро дар Марказ сипарӣ хоҳанд кард.

Раиси ноҳияи Мурғоб Ҳусния Раҷабзода кӯдакон ва волидони онҳоро бо чунин ғамхории падаронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии ин табақаи ниёзманди ҷомеа табрик гуфта, афзуд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия низ кумаку ёрии хешро барои ин Марказ дареғ нахоҳад дошт.

## Сохтмони иншооти варзишӣ

Раиси шаҳри Хоруғ Ризо Назарзода зимни суханронӣ дар машварати корӣ қайд намуд, ки аз соли 2018 то ин дам дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 20 толор ва майдончаи варзишӣ сохтаву мавриди истифода қарор дода шудааст.

Сохтмони чунин майдончаҳо дар маҳаллаи ба номи Валдош Гулмамадов, маҳаллаҳои Ниводаку ба номи Носири Хусрав бо маром идома дорад.

Мурод аз афзун гардондани чунин иншоот дар шаҳр талқини тарзи ҳаёти солим ва ба варзиш ҷалб намудани хонандагону ҷавонон мебошад.

## Беҳтаринҳо муайян гардиданд

Ҷаласаи ифтитоҳӣ оид ба озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рошткалъа баргузор гардид. Муовини раиси ноҳия Роза Гуламадшозода аз номи раиси ноҳия беҳтаринҳоро, ки ба даври ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд, табрик намуда, зикр намуд, ки озмун дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, мардуми сарбаланду адабдӯсти кишвар боз аз нав рӯ ба китоб ниҳод.

Озмун дар асоси талаботи низомнома ҷараён гирифта, 107 нафар ғолиби даври ноҳиявӣ барои иштирок ба озмуни сатҳи вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

***Ч. ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

**Дар пойтахти мамлакат тақвияти иқтидори соҳибкории хурду миёна баррасӣ гардид.**

АЗ ДАФТАРИ ХОТИРОТ

Педагоги навовар ва ҷавонмарги тоҷик Давлатҷон Зайниддинов барои сайқал додани дониш ва баланд бардоштани маҳорати педагогии хеш аз таҷрибаи педагогҳои маъруфи ҷаҳонӣ, амсоли Ушинский, Макаренко, Сухомлинский, Кершенштейнер, Монтессори, Дюи ва дигарон пайваста истифода намуда, дар охири солҳои 50-ум ва миёнаҳои солҳои 60-ум дар таълиму тарбияи мактаббачагон ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Инро ман аз дафтари «Ёддоштҳо педагогӣ»-и ӯ бо номи «Педагогҳои бузурги Шӯравӣ» дарёфт кардам. Дар он номҳои ка ва мактабҳои РФ, оид ба фаъолияти педагогии К.Д. Ушинский, А.И. Гертсен, П.Д. Лесгафт, Л. Толстой ва дигарон асарҳо эҷод кардааст.

3.Алексей Николаевич Леонтев. Мавсуф соли 1924 факултети илмҳои ҷамъиятиро ба итмом расонидааст. Баъдан дар Донишкадаи психологӣ ба корҳои илмӣ машғул гаштааст. Аз соли 1931 то соли 1979 ин олими маъруф дар шаҳрҳои Харков ва Москва ба корҳои омӯзгорӣ ва тадқиқоти илмии психология ва педагогика машғул гаштааст. Соли 1950 академики Академияи педагогии РСФСР ва соли 1968 академики Академияи педагогии СССР интихоб мешавад. дар мактабҳои олии Ленинград, аз ҷумла, дар Донишкадаи педагогии ба номи Гертсен кор намудааст. Фаъолияти ӯ дар солҳои 1949-1953 дар Донишкадаи ҳарбӣ-педагогии шаҳри Москва низ ба назар мерасад. Аз соли 1953 ба ҳайси мутахассис дар яке аз пажуҳишгоҳҳои АП- и РСФСР шуруъ гашта, дар он ҷо рисолаи доктори илмиро ҳимоя намудааст. Соли 1968 ба ҳайси узви вобастаи Академияи педагогии СССР интихоб гардидааст. Ин олими маъруф дар бораи психологияи кӯдакон, психологияи инкишофи кӯдакон дар синну солҳои гуногун ва гайраҳо мақолаҳои илмӣ навиш-

# Педагогҳои номвари Шуравӣ

## Ба ифтихори 90 - солагии педагоги шинохта Давлатҷон Зайниддинов

А.И. Каиров, Г.А. Мединский, А.М. Арсенев, Ф.Ф. Королёв, А.Н. Леонтев, Л.Б. Элконин, Б.Г. Ананев, Л.В. Занков дарҷ шуда, нисбат ба фаъолияти илмӣ ва педагогии онҳо суханҳои шоистае гуфта шудааст. Аз ин бармеояд, ки Д. Зайниддинов аз мактаби педагогии Шуравӣ низ баҳраи зиёде бардоштааст.

Чун дар бораи Ушинский, Макаренко, Сухомлинский, Кершенштейнер, Монтессори, Дюи барин саромадони педагогии ҷаҳон мақолаҳо чоп карда, манзури аҳли маорифи кишвар намуда будам, аз ин рӯ, тасмим гирифтам, ки оид ба ин педагогҳои машҳури Шуравӣ, ки падари бузургворам ба онҳо арҷи зиёд гузоштааст, навиштани мақолаи навбатӣ барои хонандагону омӯзгорон имрӯза аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1.Иван Андреевич Каиров, соли 1917 факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москваро хатм намудааст. Дар давраи фаъолияти педагогияш дар як қатор мактабҳои олии Москва ба ҳайси мудири кафедраи педагогӣ шуда кор кардааст. Ҳамчунин, солҳои 1930-1933 дар вазифаи муовини директори Пажуҳишгоҳи тадқиқотии хоҷагии деҳот ичрои вазифа намудааст. Солҳои 1942-1950 дар вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи «Советская педагогика» фаъолият доштааст. Солҳои 1949-1956 ба ҳайси вазири маорифи РСФСР кор кардааст. Солҳои 1946-1967 дар мансаби Президенти Академияи фанҳои педагогии РСФСР корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотии соҳаи педагогиро ба иҷро расонидаву роҳбарӣ намудааст. Мавсуф доктор илмҳои педагогӣ, профессор, академики академияи педагогии РСФСР ва СССР низ будааст.

2.Мединский Евгений Николаевич, ин педагоги маъруфи Шӯравӣ соли фаъолияти педагогии худро аз соли 1911 шуруъ намуда, дар муассисаҳои соҳаи маорифи Донишкадаи маълумоти халқии Нижний Новгород аз педагогика дарс додааст. Солҳои 1920-1922 ба ҳайси профессори Донишкадаи Урал дар Екатеринбург фаъолият доштаст. Аз соли 1922 мавсуф дар як қатор мактабҳои олии Москва, аз ҷумла, солҳои 1926-1930 профессори Донишгоҳи дуюми давлатии шаҳри Москва, солҳои 1930-1937 чун омӯзгори Донишкадаи олии маорифи намунавӣ иҷрои вазифа намудааст.

Мавсуф доктори илм, академики Академияи педагогии РСФСР буда, соли 1957 вафот кардааст. Эшон оид ба мавзуъҳои педагогии муассисаҳои томактабӣ, проблемаҳои алоқаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, таърихи педагоги-



Эшон асосгузори таъсиси факултаи психологияи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва махсуб ёфта, аз замони ташкилшавии он, аз соли 1966 то охири умр ба он роҳбарӣ намудааст.

4.Ананев Борис Герасимович дар соҳаи психология (равоншиносӣ), минбаъд дар муассисаҳои Ленинград (Санкт-Петербург), аз ҷумла, Пажуҳишгоҳи майнаи сар иҷрои вазифа намудааст.Соли 1940 дар синни 33-солагӣ рисолаи доктории худро ҳимоя намудааст. Баъдан фаъолияти ӯ дар Донишкадаи омӯзгории ба номи Гертсен, Донишкадаи санъати театрӣ ва Пажуҳишгоҳи тақмили ихтисоси омӯзгорон ҷараён гирифтааст. Солҳои 1968-1972 дар вазифаи декани факултаи психологияи Донишгоҳи давлатии Ленинград (Санкт-Петербург) кор намудааст.

5.Фёдор Филиппович Королёв, Мавсуф назариётчӣ ва таърихнигори педагогика, академики АП РСФСР (1965) ва СССР (1968), доктори илм, профессор буд.Хатмкардаи курси олии илмӣ-педагогии назди Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва дар соли 1929 мебошад. Мавсуф кору фаъолияти педагогии худро соли 1925 шуруъ намуда, дар як қатор муассисаҳои педагогӣ ва мактабҳои олии шаҳри Маскав дарс гуфтааст.Солҳои 1960-1971 ба ҳайси директори Пажуҳишгоҳи илмӣ -тадқиқотии назария ва таърихи АП СССР фаъолият намудааст. Доир ба мавзуъҳои таърих ва назарияи педагогӣ, проблемаҳои тарбияи педагогӣ корҳои бузурге анҷом додааст. Баъдан ба ҳайси роҳбари Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии таъриху назарияи педагогӣ иҷрои вазифа намудааст. Як қатор педагогҳои маъруфи шӯравиро, ки аллакай аз солҳои 30-юми асри пор маъруф гашта будаанд, ӯ тарбия намудааст. 6.Элконин Даниил Борисович. Солҳои зиёде та, монографиҳои зиёде таълиф намудааст.

7. Занков Леонид Владимирович. Аз соли 1929 ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии нуқсшиносӣ (дефектология) то соли 1951 иҷрои вазифа намудааст. Соли 1935 аввалин мартиба дар СССР озмоишгоҳи психологии махсусро кушодааст. Соли 1942 рисолаи докториишро дар шароити вазнини ҷанг ҳимоя кардааст. Солҳои 1955 академики Академияи педагогии РСФРС ва соли 1968 академики Академияи педагогии СССР интихоб мешавад. Ин олими маъруф дар соҳаи педагогика ва махсусан, нуқсшиносӣ (дефектология) хизмати бузургеро дар илм ба ҷой гузоштааст.

8. Арсенев Александр Михайлович, олими маъруфи Шӯравӣ буда, дар соҳаи педагогика корҳои зиёдеро анҷом додааст. Дар мактабҳои миёна дарс гуфтааст. Солҳои зиёд роҳбари як қатор пажуҳишгоҳҳои илмӣ - тадқиқотии педагогиро ба зимма дошта, муддате дар вазифаи муовини вазири маорифи РСФСР низ кор намудааст.Доктори илми педагогӣ, профессор, академики АП РСФСР (соли 1959) ва СССР (соли 1968) интихоб гаштааст. Оид ба масъалаҳои тайёр намудани кадрҳои педагогӣ, рушди шабакаҳои муассисаҳои таълимии педагогӣ, ҳамчунин, проблемаҳои ҷавонон тадқиқот бурда, асарҳо навиштааст. Ба ҳамин тариқ, аз дафтари ёддоштҳо маълум мешавад,ки педагоги ҷавону навовари тоҷик, шодравон Давлатҷон Зайниддинов дар фаъолияти педагогии худ аз асарҳою мақолаҳои олимону педагогҳои машҳури Шуравӣ ва ҷаҳонӣ пайваста истифода мебурдааст. Сирри муваффақиятҳои ин педагоги соҳибистеъдоди тоҷикро бояд аина дар ҳамин ҷуст.

Яъне пайваста хондан ва истифодаи саривақтӣ ва дурусти асарҳои илмию педагогии олимони Шуравӣ ва ҷаҳонӣ, сари мавзӯъҳои педагогика, психология, психологияи кӯдак ва тарбияи наврасону атфол ва роҳбарӣ ба коллективи педагогии мактаб. Дар асоси таҷрибаи педагогии маърӯфу навовар Давлатҷон Зайниддинов ба педагогҳои имрӯза ва хосатан, омӯзгорони ҷавон зарур аст, ки пайваста бо асарҳои илмӣ, назариявию тарбиявии ситораҳои педагогикаи ҷаҳону Шӯравӣ ва тоҷик шинос гашта, аз осори онҳо дар фаъолияти педагогии худ истифода намоянд.

*Варқаи ЗАЙНИДДИН,*
*ёвари калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1*

КИТОБИЁТ

# Матбуоти даврии тоҷик дар солҳои 1920-1930

***30-юми июни соли равон бо ташаббуси Агентии миллии созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон дар толори Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Омилҳои ташаккули матбуоти даврии тоҷик дар солҳои 1920-1930» конфронс баргузор гардид. Дар он вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода, устодону муҳаққиқони макотиби олӣ ва доираи васеи аҳли қалам иштирок карданд.***



Нахуст вазири фарҳанг З. Давлатзода перомуни нақши матбуот дар рушд ва инкишофи ҷомеа суханронӣ намуда, пажуҳишҳои дар ин хусус анҷомпазируфтаро қадами устувор дар таҳкими матбуоти миллӣ арзёбӣ намуд.

Сипас, директори Агентии миллии созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон Сайзароб Нодирзода зикр кард, ки матбуоти солҳои 20-уму 30-юм ҳамчун ганҷинаи нодири миллати тоҷик дар махзани Хонаи китоби Тоҷикистон ҳифзу нигоҳдорӣ мешаванд. Бойгонии матбуоти Хонаи китоби Тоҷикистон бо шумори матбуоти даврони Шӯравӣ ва даврони истиқлол зиёда аз 1,5 миллион шумораро ташкил медиҳад. Зарур аст, ки мо онҳоро ҳамчун ҳифзкунандаи таърих ва фарҳанги миллат ба наслҳои оянда бегазанд расонем. Муассиса тасмим гирифтааст, ки дар баробари таҳқиқ ва пажуҳиши фонди китоб, инчунин, фонди матбуотро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор диҳад. Имрӯз дар захираи фонди матбуоти даврии солҳои 1920-1930 55 номгӯй рӯзнома ва 10 номгӯй маҷалла мавҷуд аст.

Доктори илми филология, профессор Мурод Муродӣ дар мавзуи «Раванди ташаккули низоми матбуоти даврӣ дар солҳои 1920-1930 (дар мисоли маҷаллаҳо)» суханронӣ намуд. Мавсуф қайд кард, ки таърихи таъсиси маҷаллаҳо дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон ба ду давра алоқаманд аст. Давраи аввал то Инқилоби Октябр ва тақсимоти ҳудуди миллӣ ва давраи дуюм пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон. Дар давраи аввал ҳамагӣ ду нашрия таъсис ёфта, ба табъ расидааст, ки яке «Красное солнышко» (1909) ва дигари «Оина» (1913) аст. Ин маҷаллаҳо хусусӣ буда, аз ҷониби шахсони фарҳангӣ ва маорифпарвар рӯйи чоп омадаанд. Муҳаққиқ баъди омӯзишу таҳлили фаъолияти маҷаллаҳо ба ин натиҷа расидааст:

Якум, пайдоиши аввалин маҷаллаҳо дар Осиёи Миёна, аз ҷумла «Красное солнышко» ва «Оина» ба омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таҷаддудхоҳӣ сахт алоқаманд будааст. Ин ду маҷалла аз рӯйи ҳадаф ва таъйинот ба ҳам шабоҳат доранд. Дар таъсиси онҳо ашхоси фарҳангӣ ва маорифпарвар саҳм гузоштаанд.

Дуюм, аввалин маҷаллаи чопи Душанбе «Дониш ва омӯзгор» аст, ки аз тарафи Назорати маорифи Тоҷикистон 5 марти соли 1926 бо теъдоди 500 нусха ба табъ расидааст. Ба таъбири имрӯзаи касбӣ, ин аз аввалин нашрияи соҳавӣ маҳсуб меёбад.

Сеюм, аввалин маҷаллаи тоҷикӣ барои занону духтарон «Бо роҳи ленинӣ» аст, ки 1 майи соли 1932 зери муҳарририи Ортиқбоева дар шаҳри Душанбе бо теъдоди 400 нусха интишор гардидааст. Ин маҷалла соли 1950 номи «Занони Тоҷикистони советӣ»-ро гирифта, то солҳои 1970-ум бо ҳамин ном чоп шуд. Ҳоло бо номи «Фирӯза»чоп мешавад.

Ҳамчунин, мавзуъҳои «Замина ва омилҳои ташаккули матбуоти даврӣ дар солҳои охир», «Баррасии истилоҳи «фолклор» дар матбуоти солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» «Нақши матбуот дар ҷалби ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат» ва «Адабиёти бадеӣ дар рӯзномаи «Бедории тоҷик»-и солҳои 20-ум» мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Дар баробари ин, миёни иштирокдорон мубодилаи афкор сурат гирифт.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

*Ман бади ҳеҷ касро намегӯям, вале ҳар чи аз хубашон медонам, ҳамаро мегӯям.*
*Бенҷамин Франклин*



ТАҲҚИҚ

# Қадам ба қадам аз пайи қаламу бузургон

Муҳаққиқони зиёдеро медонем, ки бо таваҷҷуҳ ба осори яке аз бузургони адабиёт рӯзгори илмӣ ба сар мебаранд: аз замони донишҷӯӣ ба таҳқиқи эҷодиёти ин ё он адиб машғул шуда, дигар аз ин роҳ берун шуда наметавонанд, зеро адибони бузург мисли оҳанрабо муҳаққиқонашонро ба худ мекашанд...

Сироҷиддини Эмомалӣ, профессор, доктори улуми филологӣ низ аз тоифаи чунин пажуҳишгарон аст. Ӯ аз замони таҳсил то кунун бо осори мондагори устод Сотим Улуғзода сару коре дорад. Давраи таҳсил аз пайи мушаххас кардани сабабу омилҳои сар задани шӯриши Восеъ ва бозтоби он дар адабиёти бадеӣ ҳатто ба макони воқеа рафта, бо ҳар касе, ки Восеъро мешинохт, суҳбат мекард, мавод гирд меовард. Баъдҳо оид ба таърихи эҷоди романи "Восеъ"-и устод С. Улуғзода пажуҳиши ҷолиб анҷом дод ва билохира рисолаи доктории ашро ҳам ба насри таърихии ин адиби тавоно ва шуҳратёр ихтисос дод.

Яке аз рисолаҳои ахираш тахти унвони "Арзишҳои миллӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода" ба табъ расид ва чунон ки аз номаш пайдост, афкору андешаи устод Улуғзодаро дар робита ба миллату арзишҳои милливу фарҳангии он аз қиссаву романҳои таърихиаш манзури хонанда кард. Қабл аз ин китоб боз чанде рисолаҳояш ба таърихи эҷоди "Ривояти суғдӣ", бозтоби фарҳанги миллӣ дар осори ин адиб, муҳити хонавода ва манозири табиат дар ин осор бахшида шуда буданд.




Дар улуғзодашиносӣ масъалаҳои таҳқиқношуда зиёд аст ва Сироҷиддин пайваста ба ҳамин кор шуғли ошиқона дорад. Чанде қабл ду китобашро ба банда туҳфа кард, ки яке "Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар "Намунаҳои адабиёти тоҷик" ва дигаре "Восеънома" буд.

Китоби аввал хеле муфид барои ҷӯяндагони осори устод Улуғзода аст, зеро ҳам сарсухан ва ҳам якчанд мақолаи устод дар бораи бузургони пешин, ки дар "Намунаҳои адабиёти тоҷик" (нашри соли 1940) ба табъ расида буданд, ҳоло ноёфт шудаанд. Сироҷиддини Эмомалӣ ин китобро пайдо карда, ҳар чизе, ки ба қалами устод Улуғзода тааллуқ дошт, дар як китоб гирд овард. Ба он сарсухани муфассале навишта, саҳми Сотим Улуғзодаро дар таҳқиқи адабиёти тоҷик рӯшан кард.

"Намунаҳои адабиёти тоҷик" дар шакли тазкира аз ҷониби чанде аз муҳаққиқони ҳамон айём –Холиқ Мирзозода, Ҷалол Икромӣ, Лутфулло Бузургзода ва дигарон таҳия шуда, устодон Айниву Улуғзода, Турсунзодаву Раҳимӣ ва Деҳотӣ онро таҳрир кардаанд. Сарсухани ин китоб ба қалами устод Улуғзода мансуб аст, ҳамчунин мақолаҳоро оид ба Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино, Носири Хисрав, Саъдӣ, Дониш (бо овардани намунаҳои осор) устод Улуғзода навиштааст. Азбаски тазкира аст, мақолаҳо мухтасар буда, интихоби намунаҳои осор низ мувофиқ ба тақозои идеологияи ҳамон давра сурат гирифтааст.

Чизи муҳим ҳамин аст, ки ин китоб ҳамчун сарчашмаи дасти аввал ба ҳама алоқамандони адабиёт хидмат хоҳад кард, зеро ҳама навиштаҳои Улуғзода дар қисмати дувуми китоб бо хатти ҳамонвақта – лотинӣ айнан нусхабардорӣ шудаанд. Ин кор хидмати андак нест ва заҳмати онҳоеро, ки барои ҷустуҷӯи "Намунаҳо..." ба шуъбаҳои вижаи китобхонаҳо мерафтанд, акнун осон мекунад.

Китоби дувуми тозанашри Сироҷиддини Эмомалӣ "Восеънома" аст. Дар ин китоб ҳар чизе, ки ба инъикоси шӯриши Восеъ дар адабиёт дахл дорад, гирдоварӣ шудааст – аз бозтоби ин инқилоби мардумӣ дар адабиёти гуфторӣ, яъне фолклор сар карда, то назм ва намоишномаҳо... Махсусан қисмати намоишномаҳо хеле муҳим аст, зеро вақтҳои ахир мушкили зиёде дар пайдо кардани намоишномаи Фитрат ("Шӯриши Восеъ"), либреттои устодон Турсунзодаву Деҳотӣ ("Шӯриши




Восеъ") ва драмаи Сотим Улуғзода ("Восеъ") мавҷуд буд. Чунон ки муаллиф дар пешгуфтори китоб зикр кардааст, пеш аз ин соли 1985 бо ибтикори зиндаёд Баҳроми Шермуҳаммадзода бо ҳамин ном, яъне "Восеънома" маҷмӯае чоп шуда буд, аммо на ҳама осори бадеиву гуфтории ба ин ҳодисаи таърихӣ рабтдоштаро фаро мегирифт ва таваҷҷуҳи муаллиф асосан ба фолклор банд буд. Аммо маҷмуаи ҳозиркардаи С. Эмомалӣ ин холигоҳро пур карда, тамоми маводи адабии дахлдорро фаро гирифтааст...

Сироҷиддини Эмомалӣ раиси донишкадаи забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллист ва бо вуҷуди ин масъулият, ки ҳамеша дар пой рост буданро тақозо дорад, боз имкон ёфтааст, ки ду китоб – сарчашмаҳои барои адабиёт муҳимро ба нашр расонад. Ва ин кораш, албатта, сазовори таҳсин аст...

*Ҳафиз РАҲМОН*

ФАРОҒАТИ МАКТАБИЁН

# Истироҳат дар «Ҳамсафар»

Шоми 22 июн дар саҳни истироҳатгоҳи беруназшаҳрии "Ҳамсафар", ки дар минтақаи саёҳат ва туризми дараи Ромит, дар соҳили рӯди Кофарниҳон мавқеъ гирифтааст, садои карнаю сурнай ва шайпури созмонҳои талабагӣ баланд гардид, ки он аз оғози мавсими навбатии истироҳату фароғати мактаббачагони шаҳри Ваҳдат дарак дод.

Бояд зикр намуд, ки кормандони раёсати маорифи шаҳри Ваҳдат тавассути ҳашарҳои ободонӣ тамоми биноҳои истироҳатӣ, рахти хоб, ошхона, китобхона, майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва роҳраву гулгаштҳои истироҳатгоҳро сари вақт таъмиру тармим намуда, ба мавсими навбатӣ омода сохтанд. Шинондани гулу ниҳолҳои ороишӣ ва дарахтони мевадиҳандаву сояафкан ҳусну таровати истироҳатгоҳро боз ҳам афзуд. Инак, шоми 22-юми моҳи июн бо ташаббуси раёсати маориф ва кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф 130 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ки баъди супоридани имтиҳонҳои аз синф ба синфгузарӣ ба таътили тобистона баромада буданд, тибқи роҳхатҳо шомили истироҳатгоҳи беруназшаҳрии мактаббачагон гардиданд. Ин ҷо барои истироҳату фароғат, такмили дониш, бозиҳои варзишӣ, машқи шиноварӣ ва хондани китобҳои бадеӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Чорабиниҳои илмӣ, бадеӣ ва фарҳангӣ, шиносоӣ бо ҷойҳои таърихии минтақаи Ромит, сайру саёҳат, озмунҳо, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ва истироҳат зери дарахтони сермеваю пурсояи истироҳатгоҳ табъи дили бачаҳост. Онҳо ин ҷо 12 рӯз истироҳат карда, бо неруи тоза ва хотироти ширину гуворо ба хонаҳояшон бармегарданд.

Тибқи нақшаи раёсати маориф, бояд имсол дар ин истироҳатгоҳи беруназшаҳрии мактабиён 300 нафар кӯдаку наврас таътили тобистонаи худро хушу хурсандона гузаронанд.

# «Донояк»-ҳо ғолиб омаданд

Бо ташаббуси сардори раёсати маорифи шаҳри Ваҳдат Қосимҷон Давлатзода, бо мақсади инкишоф додани тафаккури зеҳнии кӯдакон, дар онҳо тарбия намудани қобилияти ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, ҳозирҷавобӣ, бедор намудани шавқу рағбат, маҳорату малака, қобилият ва дар ниҳояти кор, дарёфти тарбиятгирандагони эҷодкору болаёқат дар ширхоргоҳ-кӯдакистони рақами 5 "Парасту" бо иштироки 13 нафар ғолибони даври аввали сабқати дохилибоғчавӣ озмуни шаҳрии "Донояк" гузаронида шуд. Тарбиятгирандагон аз рӯи шартҳои пешниҳодгашта: ташаккули тасаввуроти одитарини математикӣ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ: (афсонаҳо ва филмҳои тасвирӣ, муҳити атроф), кашидани расми беҳтарин дар мавзӯи "Иди Ғалаба" сабқат намуданд. Ҳакамон баромади ҳар як тарбиятгирандаро баҳогузорӣ намуданд. Иҷрои шартҳои озмун нишон доданд, ки кӯдакони мо, дар ҳақиқат, доноянд. Бо ҳозирҷавобӣ, сухангӯйӣ, байту тарона бинандаро ба ваҷд меоранд. Дар озмун намояндагони ширхоргоҳ - кӯдакистонҳои рақамҳои 6, 11, 12 нисбат ба дигар иштирокчиён, фаъолияти бештар нишон доданд. Маҳорату малака ва ҷасуриву нотарсӣ доноякҳо Фотима Аминова (аз кӯдакистони рақами 6), Абдураҳмон Шарипов (аз кӯдакистони рақами 12) ва Закия Абдураҳимоваро (аз кӯдакистони рақами 11) ғолиби озмун гардонд. Ғолибон бо туҳфаҳои хотиравию инъомҳои молӣ мукофотонида шуданд.

*Саидмурод ИСКАНДАРӢ,*
*шаҳри Ваҳдат*

ЭЪЛОН

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

| р/т | Мудири кафедра | Дараҷа ва унвони илмӣ | Ҷой |
|---|---|---|---|
| 1 | Кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит | д.и. иқтисодӣ, профессор ё н.и. иқтисодӣ, дотсент | 1 |
| 2 | Кафедраи фаъолияти бонкӣ | д.и. иқтисодӣ, профессор ё н.и.иқтисодӣ, дотсент | 1 |
| 3 | Кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервис | д.и. иқтисодӣ, профессор ё н.и. иқтисодӣ, дотсент | 1 |
| 4 | Кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ | д.и. иқтисодӣ, профессор ё н.и. иқтисодӣ, дотсент | 1 |
| 5 | Кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ | д.и. ҳуқуқ, профессор ё н.и. ҳуқуқ, дотсент | 1 |

**Довталабон барои ширкат дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

-ариза ба номи ректор оид ба ширкат дар озмун;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатии тасдиқшуда;
-нусхаи дипломи таҳсилоти олӣ, номзадӣ ё докторӣ;
-парванда ва варақаи шахсӣ бо расм;
-тарҷумаи ҳол;
-тавсифнома аз ҷойи кор;
-рӯйхати асарҳои илмӣ-методӣ.

Ҳуҷҷатҳо барои озмуни ишғоли вазифа бояд на кам аз 10 рӯз пеш аз оғози ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ ба котиби Шурои олимон пешниҳод карда шаванд.

Мӯҳлати пешниҳоди ариза барои ширкат варзидан дар озмун на дертар аз як моҳи интишори эълон мебошад.

**Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Деҳотӣ - 1/2, телефон барои тамос: 234-85-46**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №026759 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1999 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Назарова Шамсия Абдуразоқовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №105149 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2002 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Назарова Гулноз Абдуразоқовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т №255234, ки онро соли 1989 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Баротова Зарнигор Ниматовна додааст, эътибор надорад.

**Ҳайати устодону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти собиқ ҳамкори худ, ҷонишини директор оид ба таълим Ҳалима ҶАЛОЛОВА андуҳгин буда, ба хешу пайвандони марҳум изҳори таслият менамоянд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

**ОМӮЗГОР**
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» тахти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, тахти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40000 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.